ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЧАҲОРЧӮБАИ МИЛЛИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе - 2025**



Вазорати маориф ва илм, вазифадор карда шавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд.

Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад.

***Аз суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. (Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 ш. Душанбе)***

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 январи соли 2025, №2/3
тасдиқ шудааст.

Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БОБИ I. МАҚСАДҲОИ АСОСӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ЧАҲОРЧӮБАИ МИЛЛИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §1. Мақсадҳои чаҳорчӯба

1. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Чаҳорчӯба) дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва мутобиқи ҳадафҳои афзалиятноки рушди низоми маорифи Тоҷикистон, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд, инчунин, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҳуҷҷати густурдаи соҳавӣ буда, барои беҳтар кардани муҳити таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии кишвар, фароҳам овардани заминаи рушди устувору беҳбуди натиҷаҳои таҳсилот вобаста ба муҳити таълим таҳия шудааст.

3. Ҳадафи асосии Чаҳорчӯба ин баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Чаҳорчӯба муносибати ҳамгироии рушди педагогика ва муҳити физикиро пешниҳод намуда, сохтмони муассисаҳои таълимии муосир мутобиқ ба амалӣ намудани сиёсати кишвар дар самти маориф дар бар гирифта, дастовардҳои таълимии хонандагонро тавассути ҳамоҳангсозии усулҳои омӯзиши ба муҳити таълим мутобиққардашуда беҳтар менамояд.

## §2. Вазифаҳои Чаҳорчӯба

4. Барои расидан ба ҳадафҳои болозикр иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- таъмини дастрасии ҳамаи кӯдакон ба таҳсилоти босифат, новобаста аз ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ва макони зисти онҳо;

- беҳтар намудани сифати таҳсилот тавассути ислоҳоти барномаи таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ;
- таъмини пурраи амалисозии таҳсилоти фарогир (фарогирии хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсус ба таълим, ақаллиятҳои миллӣ ва гурӯҳҳои дигари канормонда);
- баланд бардоштани устувории муҳити таълим ва дигар хидматрасонии таълимӣ бо мақсади кам кардани халалдоршавии раванди таълим барои идомаи мунтазами таҳсилот, аз ҷумла таъсири манфии хатари офатҳои табиӣ ва дигар хатарҳо.
- ҳавасмандгардонии бештари хонандагон барои донишандӯзӣ, малакаю маҳорат ва такмили он дар тули ҳаёт;
- тақвияти иқтидори идора ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ бо мақсади таъмини самарабахшии он.

5. Чаҳорчӯба тавассути баҳамории соҳаҳои асосии зинаи таҳсилоти умумӣ, аз қабили идоракунии муассисаи таълимӣ, муҳити педагогӣ, муҳити физикӣ, арзёбӣ ва низоми таъмини сифат, аз ҷумла таҳияи қоидаҳои возеҳи кафолати сифат дар муассисаҳои таълимиро пешниҳод менамояд. Дар доираи Чаҳорчӯбаи мазкур таъмини афзалиятҳои байнисоҳавӣ, аз қабили таҳсилоти фарогир, инфрасохтор ва иқтидори муассисаҳои таълимӣ, рушди малакаҳои касбии омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф, такмили қонунгузории соҳа, таҷрибаи ҳисоботдиҳӣ ва назорат дар ҳамоҳангии сохторҳои марбут низ ба амал баровагда мешавад.

## §3. Мафҳумҳои асосии Чаҳорчӯба

6. Дар ҳуҷҷати мазкур чунин мафҳумҳо истифода мешаванд:

– Чаҳорчӯба маҷмуи мушаххаси қонуну қоидаҳо, ғояҳо ё боварҳоест, ки шахс барои ҳалли мушкилот ё тасмим гирифтан оид ба ин ё он масъала истифода менамояд.

– Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади мутаҳидкунандаи соҳавӣ аст, ки дар он мазмуну мундариҷаи асосӣ ва тарзи корбурди ҳуҷҷатҳои гуногун дарҷ шуда, ҳамчун роҳнамо барои фаъолият дар бахши таҳсилоти миёнаи умумӣ ва танзими муносибатҳо вобаста ба он хидмат мекунад.

– Муҳити таълим ва омӯзиш ин шароити мукаммали физикӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад, ки дар он амалӣ намудани раванди омӯзиш дар назар дошта шуда, малака ва салоҳияти омӯзгорон, инчунин муҳити физикии омӯзишро дар бар мегирад, ки дар он раванди таълим (таҳсил) сурат мегирад.

– Муҳити педагогӣ низоми махсусест барои ташкили фаъолияти таълимгирандагон мувофиқи мақсадҳои педагогӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои онҳо ба олам, одамон ва ҳамдигар нигаронида шудааст. Дар умум, муҳити педагогӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳое, ки дар он таълим, тарбия ва рушди шахсият амалӣ мегарданд, фаҳмида мешавад.

– Муҳити физикӣ ба фазои омӯзишӣ (аз қабили синфхонаҳо ва дигар утоқҳо барои гузаронидани раванди омӯзиш ва таълим), ки дар онҳо таълимгирандагон, омӯзгорон, мазмун ва мундариҷаи таълим, таҷҳизот ва технологияҳо дар ҳамгироӣ амал мекунанд; он инчунин ба мактаб дар маҷмӯъ (аз ҷумла биноҳо, китобхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, ошхонаҳо, майдончаҳои бозӣ ва дигар муҳитҳои берунаи бинои муассисаи таълимӣ) ва шабакаҳои муассисаҳои таълимӣ, ки дар як қаламрави муайян ба таври дастаҷамъӣ хизматрасониҳои таълимиро пешниҳод мекунанд, дахл дорад.

– Арзёбӣ баҳодиҳӣ ба ҳар гуна фаъолияти самти маориф бо мақсади муайян кардани пешрафт, камбудиҳои ҷойдошта ва ба нақша гирифтани роҳҳои ислоҳи камбудиҳо аст.

– Арзёбии сифати таҳсилот баҳогузории маҷмуӣ аст, ки барои муайян кардани мувофиқати самту ҷанбаҳои гуногуни таҳсилот ба нишондиҳандаҳои стандарти давлатии таҳсилот ва талаботи барномаву нақшаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

– Кафолати сифат баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии он бо роҳи таҳлил ва арзёбии мунтазами раванди таълим аст.

– Низоми итттилооти идоракунии соҳаи маориф низоми расман банақшагирифтаи ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, инчунин аз манбаи ягонаи маълумот гирифтани иттилоот ва паҳн кардани он барои вазорату идораҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

## БОБИ II. НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

### §4. Асосҳои таҳсилоти умумӣ

7. Таҳсилоти миёнаи умумӣ зинаи ҳатмии таҳсилот дар давоми ҳаёт буда, дар он барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ) амалӣ гардонида мешаванд;

8. Таҳсилоти миёнаи умумӣ аз чунин зинаҳо иборат аст:

- зинаи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4);
- зинаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 5-9);
- зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11(12)).

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимии зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ амал мекунанд:

- муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ – муассисаи таълимие, ки синфҳои 1-4-ро ба таҳсил фаро мегирад (муҳлати таҳсил 4 сол);
- муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ – муассисаи таълимие, ки синфҳои 5-9-ро ба таҳсил фаро мегирад (муҳлати таҳсил 5 сол);
- муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ – муассисаи таълимие, ки дар он синфҳои 10-11 ба таҳсил фаро гирифта мешаванд (муҳлати таҳсил 2 сол);
- муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида;

– гимназия – муассисаи таълимӣ бо равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ;
– литсей – муассисаи таълимӣ бо равияи табиӣ-риёзӣ;
– муассисаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат;
– мактаб-интернат – муассисаи таълимӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор, маъюб ва кӯдаконе, ки дар маҳалли зисташон муассисаи таълимӣ нест ва барои кӯдаконе, ки рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буданаш мумкин аст.

10. Таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ метавонад дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ, фарогир, экстернат ва ҳамчунин, дар намуди инфиродӣ ташкил карда шуда, ҳолати ҷисмонӣ ва равонӣ, эҳтиёҷот ва имкониятҳои шахс ба эътибор гирифта мешавад.

11. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумие, ки мақоми ҷумҳуриявӣ доранд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои мақоми маҳаллӣ бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаи таълимии ғайридавлатӣ бо қарори муассис (муассисон) таъсис дода шуда, бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ мегузаранд.

12. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти дахлдор пас аз ба охир расидани соли хониш ва тибқи хоҳиши таълимгирандагон баъди гузаронидани онҳо ба муассисаҳои таълимии мувофиқи дигар барҳам дода мешаванд.

13. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумие, ки молу мулки бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ (идораи оперативӣ – мудирияти амалиётӣ, яъне ҳуқуқи истисноии муассисаест, ки аз ҷониби молик ва корхонаи давлатӣ маблағгузорӣ мешавад) ба ӯ аз ҷониби муассис (муассисон) вобасташударо тибқи таъйиноти вазифавии онҳо истифода мебарад ва ҳуқуқ надорад, ки онро ҳамчун воситаи кафолати иҷрои уҳдадориҳои худ бегона кунад, қарз диҳад ё ба таври дигари ғайриоинномавӣ соҳиб шавад.

## §5. Мақоми идоракуниии муассисаи таълимиии таҳсилоти умумӣ

14. Идоракунии самти таҳсилоти умумӣ хусусияти давлатию ҷамъиятӣ дошта, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад.

15. Мақомоти ҷумҳуриявии идоракунии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое ҳастанд, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ доранд.

16. Фаъолият оид ба пешгирии офатҳои табиӣ ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо дар доираи Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқуллода ва мақомоти ҳамоҳангсоз, ки комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқуллода дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҳамчунин дар сатҳҳои ҷамоатҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошанд, анҷом меёбад.

17. Мақоми маҳаллии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии

идоракунии маориф ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба шумор меравад.

18. Ваколатҳои мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллии идоракунии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешавад.

19. Идоракунии муосири муассисаи таълимӣ аз банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назорат иборат буда, ҳамчун асоси татбиқи раванди таълим бо мақсади дастрас, фарогир, самаранок ва бехатар намудани муҳити таълим ба шумор меравад.

20. Идоракунии бевоситаи муассисаи таълимӣ аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ ба роҳ монда шуда, дар амалӣ кардани он Шӯрои педагогӣ, Шӯрои методӣ, Шӯрои сарпарастон, маҷлиси умумӣ, Кумитаи падару модарон ва ё Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон саҳмгузор мебошанд.

21. Шӯрои педагогӣ мақоми олии идоракунии муассисаи таълимӣ ба ҳисоб рафта, ҷаласаи худро на кам аз як маротиба дар 2 моҳ мегузаронад.

22. Директори муассисаи таҳсилоти умумӣ ба муҳлати 5 сол (вале на зиёда аз 2 муҳлат) аз ҷониби раёсат, шуъбаи маориф дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тибқи қонунгузорӣ ба вазифа таъин аз вазифа озод карда мешавад.

23. Ба директори муассисаи таълимӣ, ба ғайр аз роҳбарии корҳои методӣ ишғоли дигар вазифаи роҳбарикунанда дар дохили муассиса ё берун аз он манъ аст.

24. Идоракунии самараноки соҳаи маориф дар рушди низоми маориф, таъмини сифат ва дастрасии таҳсил барои ҳама шаҳрвандон нақши калидӣ дошта, доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла, танзими равандҳои таълим, таҳияи стандартҳои таълимӣ, арзёбии сифати таҳсилот, иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимиро дар бар мегирад.

25. Бо мақсади таъмини самаранокии идоракунии соҳаи маориф тадқиқоти гуногун ва таҳлили тамоюлҳои таълим барои таҳияи стратегияи рушд ва ислоҳоти низоми маориф гузаронида мешаванд.

## §6. Асосҳои ташкили раванди таълим дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ

26. Раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар асоси нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, аз тариқи ҷадвали дарсҳо ба танзим даровардa мешавад.

27. Баҳисобгирӣ ва сабти номи кӯдакон то оғози соли таҳсил дар асоси баҳисобгирии кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ (то охири моҳи декабри ҳамон соли таҳсил 7 - сола мешаванд) ба роҳ монда мешавад. Хонанда бо хоҳиши худ ё хоҳиши падару модар (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонад муассисаи таълимиро (дар доираи имконияти муассисаи таълимӣ) интихоб намояд. Ба синфи якуми зинаи аввали таҳсил ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни 7 расидаанд, ҳатмӣ аст.

28. Қабули хонандагон ба муассисаи таҳсилоти умумӣ вобаста ба маҳалли зист буда, муассисаи таълимӣ танҳо дар сурати будани ҷойи холӣ аз маҳалли дигар таълимгирандагонро қабул карда метавонад.

29. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ фаро гирифта мешаванд ва бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқанд.

30. Ҳаҷми сарбории таълимӣ (кори педагогӣ) барои омӯзгорон тибқи ҳаҷми соати дар нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои фаннии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар асоси "Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар карда мешавад.

31. Ҳаҷми сарбории таълимӣ ба кормандони педагогӣ як воҳиди корӣ (ставка) муқаррар карда мешавад (20 соат дар як ҳафта барои омӯзгорони синфҳои 1-4 ва 18 соат барои синфҳои 5-11(12). Ҳаҷми умумии сарбории омӯзгорон то 2 ставкаро ташкил медиҳад. Барои директори муассисаи таълимӣ дар як ҳафта 12 соати дарсӣ ва ба муовинони директор то 16 соати дарсӣ иҷозат дода мешавад.

32. Ҷараёни таълим дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ аз рӯйи нақшаи таълимӣ амалӣ мешавад, ки он мустақилона аз ҷониби муассисаи таҳсилоти умумӣ тибқи Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардад. Сарбории таълимӣ ва тартиби гузаронидани машғулиятҳои хонандагон дар оинномаи муассисаи таҳсилоти умумӣ тибқи талаботи беҳдоштиву санитарӣ нишон дода мешавад.

33. Барои танзими дарсҳо дар муассисаи таҳсилоти умумӣ аз тарафи директори муассисаи таълимӣ (ё муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия) ҷадвали дарсҳо таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Дар ҷадвали дарсҳо теъдоди ҳафтаинаи дарсҳо (5 рӯз барои синфҳои 1-4 ва 6 рӯз барои синфҳои 5-11), давомнокӣ, пайдарҳамӣ, танаффус барои истироҳат ва хӯрокхӯрии хонандагон нишон дода мешаванд.

34. Тибқи "Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" давомнокии дарсҳо дар муассисаи таълимӣ барои синфҳои 1-ум 35 дақиқа ва барои синфҳои 2-11-ум 45 дақиқаро ташкил медиҳад. Машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дар басти якум соати 8:00 ва басти дуюм соати 13:00 оғоз мешаванд. Новобаста аз давомнокии ҳафтаи таълимӣ, сарбории таълимии рӯзона дар синфҳо набояд аз меъёри муқаррарнамудаи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ва Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад.

35. Азхудкунии барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо аттестатсияи хатм анҷом меёбад. Аттестатсияи гузариш аз синф ба синф ва хатми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси "Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф тасдиқ карда шудааст, амалӣ мешавад.

36. Дар асоси “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барномаҳои таълимиро дар соли таҳсил пурра аз худ кардаанд, пас аз гузаштан аз аттестатсия ба синфи дигар гузаронида мешаванд. Хонандагони синфҳои 2-3, ки баҳои солонаашон аз 2 фанни таълимӣ ғайриқаноатбахш аст, бо қарори Шӯрои педагогӣ такроран дар синфашон мононда мешаванд.

37. Ба хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки зинаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумиро хатм намуда, аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, аттестат (шаҳодатнома) дар бораи хатми таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ дода мешавад. Ба шахсоне, ки зинаи таҳсилоти миёнаи умумиро пурра ба охир нарасонидаанд, маълумотнома дода мешавад.

38. Дар муассисаи таълимӣ ҷалб намудани хонандагон ба корҳое, ки дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ нашудааст, манъ аст.

39. Ба хонандагон ба истиснои Созмони талабагӣ, барои аъзо шудан ба узвияти созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, ҳамчунин ширкат дар таблиғи чунин созмонҳо, маъракаҳои таблиғотӣ ва сиёсӣ иҷозат дода намешавад.

40. Барои фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии педагогӣ ва малакаи зарурии касбӣ доранд, ҷалб карда мешаванд.

41. Омӯзгорон давра ба давра тибқи «Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз аттестатсия мегузаранд. Дар асоси натиҷаи аттестатсия дараҷаи ихтисоси касбии онҳо муайян карда мешавад.

42. Барои омӯзгорон чунин дараҷаҳои тахассусӣ мавҷуд аст:

– тахассуси дараҷаи олӣ;
– тахассуси дараҷаи якум;
– тахассуси дараҷаи дуюм;
– тахассуси умумӣ (ё бетахассус).

43. Аттестатсияи кормандони соҳаи маориф дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад. Аттестатсияи мутахассисони ҷавон баъд аз се соли ба кор қабул шудан гузаронида мешавад.

44. Омӯзгороне, ки амали содирнамудаашон барои минбаъд давом додани фаъолияти омӯзгорӣ мухолифат мекунад, ё вазъи саломатиашон дар асоси хулосаи тиббӣ барои фаъолияти омӯзгорӣ мувофиқат намекунад, аз вазифаи омӯзгорӣ озод карда мешаванд.

45. Шаъну шараф ва мақоми омӯзгор таҳти муҳофизати қонун ва давлат қарор дорад. Дахолати беасоси мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти омӯзгор манъ аст.

46. Роҳбари синф аз ҷумлаи омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ бо пешниҳоди муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, аз тарафи директори муассисаи таълимӣ таъйин ва озод карда мешавад.

47. Роҳбари синф, аз ҷумла вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- барои фароҳам овардани фазои мусоиди ахлоқӣ ва равонӣ ҳар як хонанда дар синф ва рушди малакаҳои таълимию фарҳангии онҳо мусоидат мекунад;

- дар ташкили созмонҳои худидоракунии хонандагон дар синфу муассиса иштирок мекунад;

- намуди зоҳирии хонандагон ва сарулибоси онҳоро назорат мекунад;

- бо падару модари хонандагон барои ошноияшон аз камбудиву муваффақияти хонандагон тамос мегирад;

- дар рушду тавсеаи тафаккуру ҷаҳонбинии хонандагон, малакаҳои таълимию илмӣ ва адабию фарҳангии онҳо бо ташкилу роҳандозии тадбирҳои гуногун (иштирок дар олимпиадаҳо, озмунҳо, намоишҳо, викторинаҳо, маҳфилҳо, машғулиятҳои эҷодию илмӣ, саёҳату гардишгариҳо (экскурсияҳо), театр, намоишгоҳҳо ва ғайра) мусоидат ва чораҷӯйӣ мекунад;

- ба хонандагон дар раванди мутобиқшавӣ ба таълим ёрӣ мерасонад;

- дар ҳифзи саломатии хонандагон ғамхорӣ мекунад ва бо ин мақсад онҳоро, аз ҷумла ба фаъолияту машғулиятҳои варзишӣ ҷалб мекунад;

- бо хонандагон соатҳои тарбиявӣ, ҷаласаву суҳбатҳо мегузаронад;

- фаъолиятҳои дигари таълиму тарбиявиро ба анҷом мерасонад.

48. Мудирони кабинетҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷумлаи омӯзгорони пешқадаму лаёқатманд, ки дорои таҳсилоти олӣ ва таҷрибаи кории на камтар аз панҷсолаанд, бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ таъйин мешаванд.

49. Вазифаи муҳими мудири кабинети фаннӣ (озмоишгоҳи фаннӣ) омода нигоҳ доштани кабинети фаннӣ ба раванди таълим, корҳои амалӣ ва тадқиқотӣ, ҳамчунин таъмини риояи қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, муҳофизат аз сӯхтор, интизоми дохилӣ аст.

50. Шурои методӣ воҳиди сохтории муассисаи таълимӣ буда, бо мақсади расонидани ёрии таълимию методӣ ба иттиҳодияҳои методӣ барои татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ ташкил карда мешавад.

51. Шурои методӣ аз ҷумлаи омӯзгорони навовар, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, китобдор таъсис ёфта, салоҳияти машваратӣ дорад. Роҳбарии шурои методӣ ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълим гузошта мешавад. Ҳайати он аз тарафи Шурои педагогии муассисаи таълимӣ тасдиқ мешавад.

52. Шурои методӣ, дар сурати дар муассисаи таълимӣ фаъолият намудани на камтар аз 3 иттиҳодияи методӣ, таъсис дода мешавад.

53. Шурои методӣ кори кафедраҳо, иттиҳодияҳои методӣ, фаъолияти озмоишӣ-тадқиқотии ҳайати педагогиро ҳамоҳанг намуда, дар назди Шурои педагогӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

54. Иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ ҷузъи сохтории Шурои методии муассисаи таълимӣ буда, бо мавҷуд будани на камтар аз се омӯзгори як фанни таълимӣ ва ё фанҳои ба ҳам наздик ташкил карда мешавад.

55. Иттиҳодияи методиро яке аз омӯзгорони ботаҷриба, навовар, эҷодкор, ки дорои тахассуси олӣ ва ё якуми омӯзгорӣ мебошад, роҳбарӣ мекунад. Роҳбари иттиҳодияи методӣ дар ибтидои соли таҳсил аз ҷониби аъзои он пешниҳод гардида, таъйинаш ба вазифа бо қарори Шурои педагогӣ тасдиқ карда мешавад.

56. Роҳбари иттиҳодияи методӣ дар Шурои методӣ ва ё Шурои педагогӣ оид ба фаъолияти иттиҳодияи методӣ ҳисобот медиҳад.

57. Мақсад аз таъсиси иттиҳодияи методӣ такмили маҳорати касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои эҷодкорӣ ва таъмини фазои ягонаи таълимиву тарбиявӣ дар самти ташаккул ва рушди шахсияти омӯзгорони фаннӣ аст.

58. Мафҳилҳои фаннӣ ва беруназмактабӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ташкил карда мешавад.

59. Мафҳилҳои беруназмактабӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баргузор мегарданд, аз рӯйи самтҳои зерин амал мекунанд: илмию техникӣ, таҷрибавию амалӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, экологию табиатшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, варзишӣ, ҳарбию ватандӯстӣ ва солимгардонию беҳдоштӣ.

60. Машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар асоси нақшаю барномаҳо ва воситаҳои таълимию тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои пешқадам аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ташкил карда мешаванд.

61. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ буда, сиёсати ягонаи давлатро дар соҳаи маориф таъмин менамояд. Дар асоси он Стандарту барномаҳои таълимӣ, ҳамчун ҳуҷҷати соҳавӣ, таҳия, тасдиқ ва тибқи ин ҳуҷҷатҳо раванди таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

62. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ҳуҷҷати меъёриест, ки маҷмуи мақсад, вазифаҳо, мазмуни асосии таҳсилот, принсипҳои асосии ташкили ҷараёни таълимро муайян намуда, талаботи умумиро ба ҳаҷми сарбории таълимии ҳатмӣ ва ниҳоӣ, сифати дониш, малака, маҳорат ва салоҳияти хонандагон, қоидаҳои назорати давлатии сифат ва натиҷаҳои таҳсилот, сатҳи омодагии хатмкунандагон ва ҳуҷҷатҳоро дар бораи таҳсилот муқаррар менамояд.

63. Нақшаи таълимӣ ҳуҷҷатест, ки дар асоси нақшаи таълимии заминавӣ таҳия гардида, номгӯйи фанҳо, миқдори соатҳои таълимии муқаррааргардида, сарбории таълимии ҳатмӣ ва ниҳоӣ ва равияҳои таҳсилро дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ муқаррар менамояд. Қисми асосии нақшаи таълимӣ маҷмуи фанҳои таълимии ба Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ воридгардида аст, ки омӯзиши онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ҳатмӣ мебошад. Қисми иловагии нақшаи таълимӣ маҷмуи фанҳои таълимиест, ки муассисаи таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти талаботи замон ё шакли муассиса ба нақша илова мекунад.

64. Стандарти фанни таълимӣ ҳуҷҷатест, ки мақсад, вазифа, сохтор, мазмуни асосии таҳсилоти фанни алоҳидаи таълимӣ ва ҳаҷми сарбории

таълимии ҳатмии барои омӯзиши он ҷудошуда, ҳамчунин маҷмуи талаботро ба ҳадди ҳатмии (ақалли) сатҳи омодагии хонандагон дар ҳар як зинаи таҳсилоти умумӣ муайян менамояд.

65. Барномаи таълимӣ ҳуҷҷатест, ки дар он мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи малакаи таълимгиранда ифода ёфта, тартиб ва пайдарпайии омӯзиши ин ё он мавзуи таълимӣ барои ҳар як соли таҳсил муайян карда мешавад.

§7. Буҷет ва таъминоти иттилоотӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ

66. Таҳияи буҷети муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи дахлдор, ки ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи молия таҳия ва тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

67. Буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи меъёрҳои ҳадди ақалли (сарикасӣ) маблағгузорӣ дар асоси меъёри маблағгузории сарикасӣ омода карда мешавад. Меъёрҳои мазкур ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф ва молия вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ, зинаи таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавӣ нисбат ба як хонанда ва муассисаи таълимӣ муайян ва  аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

68. Маблағҳо барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бе тақсимот ба моддаҳои гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳар як муассиса маблағи умумии мазкурро ба моддаҳои гурӯҳбандии буҷетии иқтисодӣ тақсим менамояд.

69. Маблағи умумӣ ҳамаи хароҷотро, ки ба фаъолияти муассисаи таълимӣ вобаста аст, ғайр аз хароҷоти сохтмони асосӣ ва курсҳои такмили ихтисос, дар бар мегирад.

70. Таъмири асосӣ ва сохтмони биноҳои нави таълимӣ аз ҳисоби маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳалӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ, шарикони рушд ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад.

71. Муассисаи таълимӣ сметаи ягонаи даромад ва хароҷотро мутобиқи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ тартиб медиҳад, ки аз ҷониби мақоми идоракунии маориф дар маҳал тасдиқ мегардад ва дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии молия барои маблағгузорӣ ба хазинадорӣ пешниҳод карда мешавад.

72. Дар давоми сол маблағҳои тасдиқшудаи мактаб ба буҷаи ноҳия (шаҳр) пас гардонида намешаванд.

73. Маблағгузории меъёрӣ ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия ва шаҳрҳоро, новобаста аз навъи муассиса ва шумораи хонандагон, ба ғайр аз мактаб-интернат ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, дар бар мегирад.

74. Ассотсиасияи волидайн ва омӯзгорон (ё кумитаи падару модарон) ҳуқуқ дорад, ки дар таҳияи буҷети муассиса иштирок намояд ва ҳар семоҳа оид ба иҷрои буҷет аз директори муассиса ҳисобот талаб намояд.

75. Буҷети мактаб-интернат ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат ба таври анъанавӣ – бо дарназардошти нишондиҳандаҳои соли пешин ва сатҳи таваррум таҳия карда мешавад.

76. Муассисаи таълимӣ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи иловагиро аз манбаъҳои зерин гирад:

- даромад аз фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонии муассисаҳои таълимию истеҳсолӣ;
- воридот аз иҷрои кор ва хизматрасониҳое, ки хусусияти илмӣ ва илмию методӣ доранд;
- тайёркунӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии мутахассисон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар асоси шартнома;
- фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ дар раванди таълим ва дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст;
- пардохтҳои ихтиёрии эҳсонкорӣ ва маблағҳои дигари аз ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ воридшаванда;
- грантҳо;
- қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ.

77. Маблағгузории муассисаҳои таълимии хусусӣ аз ҳисоби муассис (муассисон) сурат мегирад ва аз меъёрҳои маблағгузории муассисаҳои таълимии давлатӣ кам буда наметавонад.

78. Пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси “Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ”, ки аз ҷониби мақомоти идораи давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти идораи давлатӣ дар соҳаи молия тасдиқ гардида, бо мақомоти идораи давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират ва Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи илм ва маориф мувофиқа шудааст, ба танзим дароварда мешавад.

79. Музди меҳнати ҳайати педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи тарификатсия муайян карда мешавад. Андозаи музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

80. Андозаи музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ набояд аз андозаи музди меҳнат дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кам бошад.

81. Музди меҳнати кормандони техникӣ ва ҳайати хурди хизматрасон мувофиқи ҷадвали басти вазифаҳо ба андозаи на камтар аз музди меҳнати минималӣ ва на зиёда аз андозаи меъёри музди меҳнати омӯзгори синфҳои болоӣ бо таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда мешавад.

82. Музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф аз андозаи меъёри кафолатдодаи давлат ва иловапулиҳо вобаста ба сатҳи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, маҳорати омӯзгорию маҳсули меҳнат,

дараҷаи тахассусӣ, унвонҳои илмию фахрии давлатӣ ва барои корҳои аз меъёри муайяншуда барзиёд иборат мебошад.

83. Ба омӯзгорон барои роҳбарии синф, санҷиши корҳои хаттӣ ва озмоишӣ, мудирии кабинетҳои фаннию методӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ муқаррар карда мешавад.

84. Ба музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки дар ноҳияву маҳалҳои шароити табиию иқлимӣ ва маишиашон номусоид кор мекунанд, иловапулӣ муқаррар карда мешавад.

85. Таъмини иттилоотии соҳаи маориф дар асоси низоми ахборотии идоракунии соҳаи маориф (EMIS) амалӣ карда мешавад.

86. Низоми мазкур иттилооти заруриро барои қабули қарори идоракунии саривақтӣ ва самаранок дар ҳама сатҳу зерсохторҳои соҳаи маориф пешниҳод мекунад.

87. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар таъмини дурустии таҳия ва ба мақомоти болоӣ пешниҳод кардани ҳисоботи омории муассисаҳои таълимии зертобеашон масъул мебошанд.

88. Пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ба мақомоти болоӣ оид ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ба зиммаи мақомоти маҳаллии идоракунии маориф вогузор карда шудааст.

89. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ барои дуруст таҳия намудан ва ба мақомоти болоӣ пешниҳод кардани ҳисоботи омории муассисаи худ масъуланд.

90. Пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ дар асоси шаклҳои тасдиқгардида дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба таври варақӣ ва электронӣ ба роҳ монда мешавад.

## §8. Аккредитасия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ

91. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва назорати сифати таҳсилот амалӣ карда шуда, сифати таҳсилотро назорат ва идора менамояд.

92. Идоракунии сифати таҳсилот сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро амалӣ карда, низоми ягонаи миллии арзёбиро ба сифати таҳсилот бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ месозад.

93. Назорати давлатӣ дар бахши таҳсилоти миёнаи умумӣ бо тарзҳои зерин амалӣ мешавад:

- иҷозатномадиҳӣ;
- аккредитатсияи давлатӣ;
- назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;
- мониторинги фаъолиятҳои институтсионалӣ бо истифода аз платформаҳои рақамӣ ва абзорҳои ба маълумот асосёфта барои беҳтарнамоии таъмини мунтазами сифати таҳсилот. Ин нақши платформаҳоро ба монанди EMIS дар ҷамъоварӣ, таҳлил ва

идоракунии маълумот барои иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсия таъкид мекунад.

94. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи маориф тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” амалӣ карда мешавад.

95. Шакли асосии муайян кардани мутобиқати заминаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаи таҳсилоти умумӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва мутобиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ ба меъёрҳои муқарраршудаи аттестатсияи (аккредитатсияи) муассисаи таҳсилоти умумӣ мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда дар 5 сол як маротиба мегузарад.

96. Иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорати давлатии самараноки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, арзёбии шаффофу воқеъбинона ва одилонаи мақоми муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

97. Раванди иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси меъёрҳои муайянкунандаи мақоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ин меъёрҳо барои таъмини возеият, шаффофият ва мутобиқат бо стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд.

98. Дар раванди амалисозии иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, пойгоҳи моддию техникӣ, кормандони педагогӣ, ёрирасон, амалисозии стандарти таҳсилот, нақша ва барномаи таълимиро омӯхта, барои додани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ қарор қабул менамояд.

99. Муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ё филиалҳои онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, аз аккредитатсияи давлатӣ бо тартибе, ки барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, мегузаранд.

## БОБИ III. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ МУҲИТИ ПЕДАГОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМ

### §9 Маълумоти умумӣ доир ба муҳити педагогӣ

100. Муҳити педагогӣ низоми махсусест барои ташкили фаъолияти таълимгирандагон мувофиқи мақсадҳои педагогӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои онҳо ба олам, одамон ва ҳамдигар нигаронида шудааст. Дар умум, муҳити педагогӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳое, ки дар он таълим, тарбия ва рушди шахсият амалӣ мегарданд, фаҳмида мешавад.

101. Маълумоти гуногуне, ки тавассути таълими фанҳо пешниҳод карда мешавад, асоси муҳити педагогӣ мебошад, ки хонандагон ва омӯзгоронро ба ҳам меорад.

102. Мақсадҳои асосии муҳити педагогӣ дар “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” инъикос шудаанд ва барои Чаҳорчӯбаи мазкур ҳамчун асос ба шумор меравенд.

## §10. Муҳити педагогии муассир ва намунаҳои он

103. Муҳити самарабахши педагогӣ, ки ба ҳамкории иҷтимоӣ мусоидат мекунад, ба талаботи хонандагон нигаронида шуда, аз имкониятҳои таълимӣ дар робита ба банақшагирӣ ва дастрасии захираҳо самаранок истифода мебарад.

104. Муҳити муассири педагогӣ шаклҳои гуногуни дарк ва азхудкунии иттилоотро муттаҳид мекунад. Он истифодаи маводи рақамӣ, аз ҷумла аудио ва видео, коркарди технологияҳои муосир ва воситаҳои гуногуни аёниро дар бар мегирад.

105. Муҳити педагогии муассир муносибати созанда (конструктивӣ)-ро талаб мекунад, ки дар он ба муҳайё кардани шароит барои таҳсили мустақилонаи хонандагон ва рушди салоҳиятҳо диққат дода мешавад. Тамоюлҳои нави педагогӣ имрӯз хонандаро дар маркази ҷараёни таълим қарор дода, дар он омӯзгор барои иштироки фаъолона ва рушди маърифатию илмии ҳар як хонанда шароит фароҳам меорад.

106. Дар шароити ҷомеаи муосир муҳити самарабахши педагогиро метавон тавассути меъёрҳои зерин фароҳам овард:

- таъмини сифати баланд, дастрасӣ ва шаффофияти таҳсилот;
- иҷрои вазифаҳо вобаста ба рушди ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии хонандагон;
- баланд бардоштани фарҳанги таълими экологӣ (муҳити сабз), коҳиш додани хатар ва таълими рушди устуворӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ҳадафҳои таълимӣ;
- таъмини татбиқи барномаҳои таълимӣ;
- ташкили кори мустақилонаи кӯдакон, корҳо барои рушди эҷодӣ, худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ;
- муайян намудани кӯдакони лаёқатманд ва ҳавасмандгардонии онҳо тавассути иштирок дар фаъолияти эҷодӣ, илмию техникӣ, лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ;
- мунтазам нав кардани мундариҷа, шакл ва усулҳои ташкили раванди таълим;
- ҳавасманд кардани хонандагон барои изҳори мавқеи худ ва мустақилият дар андеша;
- ҳавасмандгардонии хонандагон барои муваффақияти инфиродии онҳо;
- тақвияту такмили роҳу усулҳои кор бо кӯдакони дорои заъфи зеҳнию ҷисмонӣ.

107. Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун як қисми муҳити педагогӣ, ки дар он кӯдакон принсипҳои ҳифзи муҳити зистро эҳтиром ва риоя мекунанд.

108. Низоми ташкили муҳити педагогӣ дар муассисаи таълимӣ аз намунаҳои зерин иборат аст:

- Намунаи ба муошират нигаронидашуда. Омӯзиш, ҳамчун раванди муттасили муошырати байни омӯзгор ва хонанда, инчунин, дар байни фақат хонандагон ба роҳ монда мешавад. Чунин муносибат ба низоми маориф имкон медиҳад, ки муносибати эътимоднокро байни иштирокдорони раванди таълим дар ҳама сатҳҳо рушд диҳад. Ин на танҳо ба низоми донишомӯзӣ, балки ба рушди бештару беҳтари малака ва маҳоратҳои амалӣ мусоидат мекунад.

- Намунаи психологӣ ва дидактикӣ. Муҳити муосири педагогӣ дар мактаб бояд ба талаботи ҷомеа барои ташаккули шахсият дар марҳалаи ҳозира мувофиқ бошад. Намунаи психологию дидактикии муҳити педагогӣ заминаеро барои мунтазам нав кардани мазмуну шаклҳои барномаҳои таълимӣ ва таъмини мутобиқшавии кӯдакон ба мушкилоти ҷомеа ба ҳадди имконпазир таъмин менамояд.

- Намунаи экологӣ ва шахсӣ. Намунаи экологӣ ва шахсии муҳити педагогӣ маҷмуи ҷузъҳои фазоӣ-субъективӣ, иҷтимоӣ ва психологию дидактикиро дар бар мегирад. Дар доираи тарҳи мазкур шароити берунӣ (ҳолати биноҳо, синфхонаҳо ва таҷҳизоти дарсӣ), муносибатҳои байнишахсии байни омӯзгорон ва хонандагон, ҳамчун унсури раванди таълим ва мазмун ва усулҳои таълим, синну сол, хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонии хонандагон хеле муҳиманд.

- Намунаи экопсихологӣ. Тибқи тарҳи экопсихологии муҳити педагогӣ рушди инсон бояд дар ҳамоҳангӣ бо олами атроф сурат гирифта, ба хусусиятҳои инфиродии он мувофиқат намояд. Тағйироти муносибат ба таълим дар гузариш аз усули ғайрифаъол ба иштироки фаъолонаи ҳар ду тараф – омӯзгор ва хонанда таҷассум меёбад.

- Намунаи рушди осоишта. Намунаи рушди осоиштаи муҳити педагогӣ фароҳам овардани шароити мусоиди пешрафт ва тарбияи кӯдак аст. Тибқи ин тарҳ рисолати асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки метавонад малакаҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдакро инкишоф дода, барои мутобиқшавии минбаъдаи ӯ дар ҷомеа замина гузорад.

## §11. Ташаккули муносибати босалоҳият дар зинаи таҳсилоти умумӣ

109. Муносибатҳо нисбат ба ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз инҳо иборатанд

- муносибати ба салоҳият асосёфта;
- муносибати салоҳиятӣ-фаъолиятӣ;
- муносибати ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ;
- муносибати аксиологӣ;
- муносибати фаъолиятӣ-системавӣ;
- муносибати нигаронида ба рушд.

110. Салоҳият маҷмуи дониш, малака, маҳорат, сифатҳо ва арзишҳои шахс буда, барои фаъолияти самаранок дар соҳаи мушаххас зарур мебошад.

111. Принсипҳои асосии муносибати босалоҳият дар соҳаи маориф:

– хонандагон барои таълим гирифтан, рафтор ва саҳми худ дар раванди таълиму тарбия масъулият доранд;

– рушди салоҳиятҳои асосӣ ва фаннӣ, методҳо, усулҳои шинохту фаъолият аз рӯи қобилият;

– таҳияи якҷояи нишондодҳои арзёбӣ аз тарафи омӯзгорону хонандагон;

– гуногунрангӣ ва шаклҳои фаъолияти мустақил, шинохт ва рушд дар асоси ҳавасмандии шахсӣ;

– мактаб, ҳамчун ҷузъи низоми иҷтимоӣ, бо омма ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои эҷодӣ ва ғайра фаъолона алоқа дорад;

– омӯзгор бо хонанда дар асоси баробарӣ ҳамкорӣ карда, ба ӯ барои пайдо кардани мақсади худ дар ҷамъият, рушд бахшидани қобилиятҳои ӯ ёрӣ мерасонад;

– самаранокии таълим аз ҷониби хонандагон, волидони онҳо, умуман, ҷомеа бо дарназардошти рушди технологияҳои муосир ва бозори меҳнат баҳо дода мешавад.

112. Дар раванди таълим рушди чунин салоҳиятҳо барои омӯзгор муҳим арзёбӣ мегардад:

– салоҳияти иттилоотӣ ба омӯзгор – истифодаи самараноки барномаи таълимӣ ва тавсияҳои методӣ ва маълумоти дигари зарурӣ аз ҷониби омӯзгор;

– салоҳияти муошират (коммуникативӣ) дар маҳорати касбии омӯзгор қобилияти муошырати муассир бо хонандагон, фароҳам овардани фазои мусоиди таълимро пешбинӣ мекунад. Салоҳиятҳои коммуникативӣ истифодаи стратегияҳо ва усулҳои гуногуни муошират, қобилияти ҳамдардӣ ва рафъи мушкилот, дарёфти роҳи ҳалли он ва қобилияти рушди муносибатҳои эътимодбахш ва дастгирии хонандагонро талаб мекунад;

– салоҳиятҳои ҳуқуқӣ барои рушди маҳорати касбии омӯзгор нақши муҳим дошта, меъёрҳои рафтор, масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳайати омӯзгоронро муайян мекунанд.

– салоҳияти ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотии омӯзгор пешниҳоди масъала ва мисолҳои гуногунро, ки қобилияти фикрронӣ ва ҷустуҷӯии хонандагонро сайқал медиҳад, талаб мекунад.

## §12. Нақши омӯзгор дар ташкили муҳити педагогии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ

113. Нақши омӯзгорро дар муҳити педагогӣ метавон чунин муайян кард:

– фароҳам овардани имкониятҳои муҳити педагогӣ барои рушди шахсии хонандагони муассисаи таълимӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси татбиқи мазмуни ҷузъҳои иҷтимоӣ, фазоию субъектӣ ва равонию дидактикӣ;

– мусоидат дар рушди худшиносӣ, фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ барои шинохти мавқеъ ва ҷойгоҳашон дар ҷамъият, интихоби имконятҳое, ки ба эҳтиёҷоти инфиродии рушди онҳо мувофиқат мекунанд;

– ҳамкории омӯзгор ва хонандагон дар раванди муошират, ташаккули муносибатҳо, эҷоди субъекти инфиродӣ ва ташкили фаъолияти муштарак;

– таҳия ва татбиқи низоме, ки ба рушди худшиносии тарбиягирандагон нигаронида шуда, худшиносиро ҳамчун мақсади фаъолияти педагогӣ дар бар мегирад;

– татбиқи муносибати инфиродӣ ва ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оила бо мақсади ташаккулу рушди худшиносии хонандагон.

114. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикргардида ва фароҳам овардани муҳити самарабахши педагогӣ омӯзгорон бояд вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

– дақиқ ва васеъ намудани хусусиятҳои асосии муҳити педагогии муассисаи таълимӣ;

– раванди ташаккули худшиносии хонанда – ҳамчун ҳадафи педагогӣ;

– муайян кардани имкониятҳои муҳити педагогӣ дар ташаккулу рушди худшиносии хонандагон;

– мусоидату ёрию саҳмгузорӣ дар доираи имкону салоҳиятҳо барои ташкили муҳити педагогии мувофиқ дар муассисаи таълимӣ;

– ба таври таҷрибавӣ дар амал санҷидани равишҳои дахлдор;

– иштироку саҳмгузорӣ барои фароҳам овардани муҳити самарабахши педагогӣ дар идоракунии маориф.

115. Шароити педагогие, ки ташкили муҳити педагогиро дар муассисаи таълимӣ таъмин намуда, ба роҳбарони он барои фароҳам овардани муҳити самарабахши педагогӣ мусоидат мекунад, аз ҷумла инҳо аст:

– нақши пешбарандаи омӯзгорро ҳамчун асоси муҳити педагогӣ ба эътибор гирифта, дар фароҳамоварию таъмини имкониятҳои самарабахши муҳити педагогӣ ва идоракунӣ ташаббус нишон диҳад;

– имкониятро барои мавқеи фаъол доштани хонанда дар раванди таълим фароҳам оварад;

– ҳамкории омӯзгор ва хонанда дар раванди муошират, ташаккули фаъолияти муштарак ва муносибатҳои дуҷониба дар тамоми раванди таълиму тадрису тарбия, ташкили муҳити фардии субъектӣ ва фазоӣ.

116. Омӯзгорон тибқи “Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” (фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели 2023, №377) ва вобаста ба зарурати муайян аз такмили ихтисос мегузаранд.

117. Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” (ва филиалҳои он) бевосита дар баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, кормандони раёсату шуъбаҳои маорифи вилояту шаҳрҳо масъуланд.

118. Барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф вобаста ба навгониҳо, дараҷа, сатҳи тайёрӣ, дархост

(эҳтиёҷот)-и кормандони соҳаи маориф ва дар шаклҳои гуногун таҳия шуда, на камтар аз 24 соати таълимиро дар бар мегиранд.

119. Бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо мақсади азхудкунии касб ва ихтисоси нав дар заминаи шароиту имкониятҳои Донишкада ихтиёран ба амал бароварда мешавад. Бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз рӯйи барномаҳои курсҳои бозомӯзии на кам аз 500-соатаи тасдиққардаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба муҳлати 2 сол гузаронда мешавад. (Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели 2023, № 377).

120. Такмили ихтисос дар шакли рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва омехта ташкил карда мешавад. Курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар шаклҳои фосилавӣ ва омехта низ амалӣ карда мешаванд. Он ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар вақти мувофиқ (новобаста аз рӯзи ҳафта, вобаста ба соатҳои мушаххас дар давоми рӯз) таҳсил намуда, тахассусу касбияташонро такмил диҳанд.

121. Пас аз хатми курси такмили ихтисос ба шунавандагон шаҳодатнома дода мешавад.

122. Мавод ва захираҳои таълимӣ, ҳамчун таркиби муҳити педагогӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад.

123. Муҳити педогогии рақамӣ консепсияи инноватсиониест, ки ба ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба омӯзиш нигаронида шудааст. Қисмҳои муҳити педагогии рақамӣ инҳоянд:

– сахтафзор ва нармафзорҳо;

– ташкили таъминоти техникӣ ва таълимии технология дар раванди таълим;

– корбурди воситаю таҷҳизоти аудио-видеоӣ дар раванди таълим;

– нигоҳдорию истифодаи маълумот дар васоити электронӣ ва коғазӣ.

124. Ҷорӣ намудани муҳити педагогии рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ ва таъминоти захиравии раванди таълим, осон кардани ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории иттилоот ва гуногунсозии имкониятҳои иртиботи фосилавӣ дар байни хонандагон ва омӯзгорон пешбинӣ шудааст.

125. Эҷоди муҳити рақамии педагогӣ, асосан, таъминотро бо таҷҳизоти техникӣ талаб мекунад. Синфхонаҳо бояд бо компютер, проектор, тахтаҳои электронӣ муҷаҳҳаз ва дастрасӣ ба шакли электронии китобҳои дарсӣ, платформаҳои онлайнӣ ва ба интернети дастрас таъмин бошанд.

126. Қисми муҳимми муҳити педагогии рақамӣ мавҷудияти вебсайти мактабӣ бо маълумоти зарурӣ, инчунин саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ аст .

## БОБИ IV. АСОСҲОИ ТАШАККУЛИ МУҲИТИ ФИЗИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

127. Муҳити физикӣ маҷмуи унсурҳои инфрасохторӣ бо шароитҳои мусоиди амалишавии раванди омӯзиш аст, ки бояд ба талаботи самаранокии

амалкардӣ (функсионалӣ), иқлимиву табиӣ, дастрасӣ, бехатарӣ, солимиву созгорӣ ва фарогирӣ мувофиқ бошад.

128. Шарту унсурҳои асосӣ дар ташаккули муҳити физикӣ инҳоянд:

- таъмини мувофиқати ҳаҷму андоза, тарҳу намуд ва конструктивии биноҳо ва иншооти муассисаҳои таълимӣ (инфрасохтор) ба меъёру талаботи муқарраршуда;
- афзалият додан ба устувории тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ ва сунъӣ (техногенӣ) ва устувории инфрасохтори физикӣ;
- устувор будани бинову иншоотҳо ба тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ ва сунъӣ (техногенӣ);
- таъмини дастрасии баробар ба биноҳо ва иншооти муассисаҳои таълимӣ барои хонандагон ва омӯзгорони дорои қобилиятҳои гуногун;
- кам кардани муассисаҳои таълимии бисёрбаста;
- ҷорӣ намудани стандартҳои марбут ба инфрасохтори рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

## §13.Ташкили шабакаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва намудҳои он

129. Ғунҷоиши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯи талаботи лоиҳасозӣ бо дарназардошти пуррагии синфҳо, шароитҳои шаҳрсозию демографӣ ва алоқаи байни маҳалҳои аҳолинишин ва ғайра муайян карда мешавад.

130. Пуррагии синфҳо ва гурӯҳҳои машғулияташон бардавом барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо фарогирии на зиёда аз 24 хонанда ва дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияю литсейҳо кам кардани пуррагии синфҳо ба фарогирии то 20 хонанда муқаррар гардидааст. Дар вақти таъмиру таҷдиди биноҳои мавҷудаи мактабӣ пуррагии синфҳо аз рӯйи меъёр дар асос аз масоҳати бинои таълимӣ то 30 хонанда ва масоҳати нисбӣ ба як хонанда на камтар аз 1,8 $м^2$ муайян карда мешавад.

131. Дар гузаронидани машғулиятҳо аз фани забони русӣ дар синфҳои 2-11, забони хориҷӣ дар синфҳои 3-11, технология (таълими меҳнат) дар синфҳои 5-11, тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои 10-11, аз технологияи иттилоотӣ, физика, кимиё ва биология (дар вақти машғулиятҳои амалӣ) хонандагон ба ду зергурӯҳ тақсим мешаванд. Дар литсейҳо ва гимназияҳо барои гузаронидани корҳои амалӣ аз барномаҳои таълимии тафриқавӣ ва ҳамгиро, инчунин барои ташкили корҳои гурӯҳӣ ва машғулиятҳои мустақилонаи хонандагон аз рӯи завқу хоҳиш синф ба якчанд зергурӯҳҳо тақсим карда мешавад.

132. Ғунҷоиши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, чун қоида, набояд аз фарогирии 1200 хонанда зиёд бошад. Дар ҳолати аз меъёр зиёд будани хонандагон зарур аст, ки муассиса дар шакли маҷмуи биноҳои бо маркази ягонаи умумимактабӣ ва якчанд бинои таълимии новобаста ба биноҳои дигар, ки ғунҷоиши ҳар кадомашон аз рӯйи шумораи хонандаҳо алоҳида муайян карда мешавад, тарҳрезӣ гардад.

133. Ҳангоми ҳисоби маҷмуи шабакаи биноҳо шумораи ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълим дар як баст 100 %-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ ва то 75 %-и хонандагони синфҳои боло бояд ба назар гирифта шавад.

134. Дастрасии доираи хизматрасонӣ аз хона то муассисаи таҳсилоти умумӣ на зиёда аз 0,5 км барои пиёдагардон ва ё аз рӯи вақти бештарини дастрасии нақлиёт барои синфҳои ибтидоӣ 10-15 дақиқа, синфҳои миёна 30 дақиқа ва синфҳои болоӣ 45 дақиқа муайян карда мешавад.

## §14.Ҷобаҷогузорӣ ва таркиби функсионалии қитъаи замин, таркиб ва масоҳати ҳуҷраҳо

135. Биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар қитъаи минтақаи ҷудогона бо дарназардошти дурнамои маҳалли аҳолинишин ё ноҳияи истиқоматӣ дар шаҳр, минтақаи ҳифзи санитарӣ ва сохтмонҳои мавҷуда ва тарҳрезишаванда ҷойгир бояд кард. Масоҳати қитъаҳо бояд дар асоси меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚШ ҶТ) 30-01-2018 қабул карда шавад.

136. Масофаи байни binoи мактаб то хати сурх ва аз сарҳади қитъаи минтақаи мактаб то девори хонаҳои истиқоматӣ дар асоси меъёр ва қоидаҳои талаботи санитарӣ оид ба таъмини сатҳи меъёрии омилҳои физикӣ, нурпошӣ, рӯшноиафканӣ ва инчунин, замимаи 7-и МҚШ ҶТ 30-01-2018 бояд муайян гардад. Кам намудани масофаи номбурда дар ҳолати мувофиқат бо талаботи санитарӣ нисбат ба таъмини сатҳи меъёрии омилҳои физикӣ, нурпошӣ, рӯшноиафканӣ на кам аз 10.0 м. имконпазир аст.

137. Қитъаи минтақаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд ба қисмҳои функсионалии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёрии ибтидоии ҳарбӣ, таълимӣ-таҷрибавӣ, истироҳат ва хоҷагидорӣ тақсим карда шуда, масоҳати қитъаҳо бояд дар асоси талаботи меъёрҳои мавҷуда қабул гардад.

138. Масоҳати кабудизор бояд на камтар аз 30 %-и масоҳати умумии қитъаи муассисаи таҳсилоти умумиро ташкил диҳад. Ба масоҳати умумии кабудизор, инчунин бояд масоҳати кабудизоршудаи мавзеъҳои таълимӣ-таҷрибавӣ, варзишӣ, истироҳатӣ, сабзазор, хати муҳофизатӣ ва тавораи бутагӣ низ ворид карда шаванд. Барои кабудизоркунӣ истифодаи растаниҳои заҳрнок ва хордор роҳ дода намешавад.

139. Қитъаи замини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд аз рӯи тамоми периметр дорои панҷара ё девори баландиаш на камтар аз 1,5 метр ва мувофиқ бо талаботу қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии амалкунанда ва дастгоҳи муҳофизаткунандае, ки монеи давидани хонандагон ба қисми рафтуои кӯча аз тарафи даромади бино тарҳрезӣ шуда бошад. Қад-қади панҷара ё девор бояд хати сабзазор бо шинонидани дарахтҳо ва буттаҳо пешбинӣ карда шавад.

140. Қитъа бо шаклҳои меъмории хурд ва рӯшноӣ таъмин карда шуда, гузаргоҳҳо, роҳравҳо ва майдончаҳо болопӯши мустаҳкам дошта бошанд. Дар қисми даромадгоҳи асосӣ сохтани майдончаи мувофиқ барои гузаронидани чорабиниҳои умумимактабӣ тавсия дода мешавад.

141. Маҷмуи гурӯҳҳои функсионалӣ, таркиб ва масоҳати ҳуҷраҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба намуд, сохти функсионалӣ-педагогӣ ва таъйиноти онҳо бояд мувофиқат намояд. Таркиб ва масоҳати гурӯҳҳои функсионалии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумиро мувофиқ бо замимаи 7, МҚШ ҶТ 31-03-2018 қабул карда мешавад.

142. Масоҳатҳо дар синфҳо ва ҳуҷраҳои таълимии дорои шаклҳои фронталӣ на камтар аз 1,8 $м^2$ ба як хонанда, шаклҳои омехтаи таълим (фронталӣ ва гурӯҳӣ), инчунин дар кабинетҳо ва озмоишгоҳҳои махсусгардонида барои фанҳои табиӣ 3 $м^2$ ба 1 хонанда қабул карда мешаванд.

143. Масоҳатҳоро дар шаклҳои гурӯҳии кор ва машғулиятҳои фардӣ 3$м^2$/хонанда бояд қабул кард. Масоҳати устохонаҳо барои омӯзиши технология ва меҳнат 4,5 $м^2$/хонанда, устохонаҳои махсус гардонда барои таълими тафриқавӣ аз рӯи равияҳо 5,5 $м^2$ / хонанда қабул карда мешавад.

144. Миқдор ва андозаи толори варзишӣ вобаста ба таъйинот ва намуди бино муайян карда мешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намуд, миқдор ва масоҳати толори варзишӣ аз ҳисоби хизматрасонии яквақтаи худи муассисаи гирду атроф, ки маҳдудияти масоҳатро нисбат ба меъёрҳо доранд, қабул карда мешаванд (аз ҷумла ҳавз барои гурӯҳи мактабҳо дар назар дошта мешавад).

145. Ҳангоми ғунҷоиши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз 320 хонанда зиёд будан дар толори варзишӣ бояд ҷойҳои нишаст пешбинӣ карда шавад. Дар толорҳои таълимии варзишӣ на камтар аз ду ҳуҷраи либоскашӣ барои хонандагон (писар ва духтарон) ва дуто душ ва ҳоҷатхона бояд дар назар дошта шавад.

146. Масоҳати толори хурокхурии ошхона на камтар аз ҳисоби 0,8 $м^2$ ба як ҷои нишаст аз ҳисоби 1/3 шумораи хонандагон, омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда мешавад.

147. Масоҳати ҳоҷатхонаҳо, ҳуҷраҳои дастурӯйшӯӣ, душ, шумораи асбобҳои санитарӣ, масоҳати ҷойҳои истироҳатӣ ва дигар ҳуҷраҳои таъиноти гуногундоштаро бояд дар асоси замимаи 8-и МҚШ ҶТ 30-01-2018 қабул намуд.

### §15.Талаботи асосӣ нисбат ба ҳаҷму андоза, тарҳу сохтусози муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус

148. Биноҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумиро бо мақсади истифодаи онҳо ҳамчун мактаб бо сохти ташкили педагогии гуногун, ҳамчунин литсей ва гимназияҳо ба тарзи универсалӣ, бо баландии на зиёда аз 4 ошёна тарҳрезӣ кардан тавсия дода мешавад. Баландии ошёнаи рӯизаминии бино бояд аз фарш то шифт саҳеҳяш на камтар аз 3 метр бошад. Баландии толорҳои тамошо ва варзишӣ дар асоси замимаи 7-и МҚШ ҶТ 30-01-2018 қабул карда мешавад.

149. Сохти меъморӣ-типологии бино бояд дар мувофиқат бо талаботи функсионалӣ ташаккул дода шуда, ҳуҷраҳои таълимӣ аз рӯи синну сол ва аломатҳои фаннӣ ба қисмҳои таълимӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд:

- барои синфҳои 1-ум дар қисмҳои таълимӣ тибқи талабот на камтар аз се синфхона бо ҳуҷраҳои бозӣ (ҳуҷраи дамгирӣ) ва гурӯҳи санитарӣ (WASH) тавсия дода мешавад;

- барои синфҳои 2-4 дар қисмҳои таълимӣ на камтар аз 6 синфхона бо ҳуҷраҳои дамгирӣ ва гурӯҳи санитарӣ, инчунин ҳуҷраи меҳнат ва ҳуҷраи универсалӣ барои гурӯҳҳои машғулияташон бардавом тавсия дода мешавад;

- барои синфҳои 5-11 дар қисмҳои таълимӣ бояд синф-кабинетҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва ҳуҷраи дамгирию гурӯҳҳои санитарӣ пешбинӣ карда шаванд.

150. Дар синфҳои болоии муассисаҳо бо равияҳои гуногун бояд маҷмуи ҳуҷраҳои таълимиро, ки ба кабинетҳои таъйиноти таълимии умумӣ ва ба қисмҳои таълимии равиявӣ тақсим мешаванд, ҷудогона ташкил карда мешавад.

151. Синфхонаҳо унсури асосии ҳар як бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, бояд ба талаботу меъёрҳо нисбат ба сатҳи масоҳат, ҳарорат, рутубат, равшанӣ, таҳвия (вентилятсия) ва акустика мувофиқ бошанд. Тахтаи синф бояд чунон ҷойгир карда шавад, ки барои ҳар як хонанда осон дидашаванда бошад.

152. Сатҳи равшанӣ дар вақти рӯшноии сунъии ҳуҷраҳо, самтгардонии тирезаҳои ҳуҷраҳои дарсӣ нисбат ба тарафҳои уфуқ ва ҳарорати ҳаво ва таносуби ҳавоивазшавӣ дар ҳуҷраҳои муассисаҳои таълимӣ мутобиқи замимаҳои 9, 10, 11-уми МҚШ ҶТ 31-03-2018 мувофиқан қабул карда мешаванд.

153. Тибқи талаботи боби 3, б.8* МҚШ ҶТ 31-03-2018 миқдори хонандагон дар синфҳо ва гурӯҳҳои машғулияташон бардавом барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ на зиёда аз 24 хонанда (ҳатмӣ) муқаррар карда шудааст.

154. Ҳуҷраҳои санитариро барои синфҳои 5-11 берун аз қисмҳои таълимӣ ҷой дода, дар биноҳои дуошёна дар яке аз ошёнаҳо марказонидан лозим аст. Даромадгоҳи ҳуҷраҳои санитариро набояд рӯбарӯи даромадгоҳи ҳуҷраҳои таълимӣ ё бевосита дар наздикии онҳо ҷойгир кард.

155. Гурӯҳи ҳуҷраҳои Маркази инкишофи кӯдакон дар қисмҳои таълимӣ, ҷудогона ҷойгир кардан тавсия мешавад. Гузаргоҳҳо ба маркази бино ба воситаи қисмҳои таълимӣ иҷозат дода намешавад.

156. Тамоми унсурҳои инфрасохтории муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бояд дар як бино ҷойгир ва лоиҳаи сохтмонии онро бо дарназардошти талаботи бандҳои дахлдори МҚШ ҶТ 30-01-2018 таҳия кард.

157. Ҳуҷраҳои ошпазхона бо дарназардошти шароит барои кор бо маҳсулоти хом ва дар ҳолати мавҷуд будани ошхонаи пойгоҳии мактабии ноҳия, ба маҳсулоти нимтайёр лоиҳакашӣ шуда, дар ҳуҷраҳои истеҳсолии ошхона бояд даромадгоҳи ҷудогона пешбинӣ карда шавад. Дар толори хурокхурӣ бояд дастшӯякҳо бо ҳисоби 1 ҷумаки об барои 30 ҷой пешбинӣ карда шавад.

158. Даромадгоҳҳои ҳуҷраҳои таълимӣ-варзишӣ аз байни қисмҳои таълимӣ иҷозат дода намешавад. Даромад ба толори варзишӣ аз тарафи хонаи либоскашӣ бевоста ё ба воситаи долони алоҳида бояд дар назар дошта

шавад. Дар ҳолати новобастаю алоҳида будани толори варзишӣ бо ризоияти шуъбаю раёсатҳои маориф ва идораи назоратӣ, санитарию эпидимиологӣ толорҳои варзишӣ барои берун аз дарс истифода бурдан бо мақсади гузаронидани машғулиятҳои варзишӣ ба сокинони калонсоли минтақа иҷозат дода мешавад, ба шарте ки иловатан дар назди онҳо хонаи либоскашӣ, душ ва ҳуҷраҳои санитарӣ пешбинӣ карда шаванд.

159. Ҳуҷраҳои истироҳатию дамгирӣ (релаксионӣ), ки дар наздикиҳои толори тамошо-лексияхонӣ ҷойгиранд, бояд бо дарназардошти истифодаи онҳо ба сифати долон лоиҳакашӣ шаванд. Фарохии ҳуҷраҳои истироҳатию дамгирӣ, дар ҳоли дар як тараф ҷойгир будани кабинету озмоишгоҳҳо, на камтар аз 2,8 метр ва фарохии ҳуҷраҳои истироҳатию дамгирӣ, дар ҳоли дар ду тараф ҷойгир будани синфҳо, на камтар аз 4 метр бояд бошад.

160. Нишастгоҳҳои халоҷо (унитазҳо) дар ҳоҷатхона барои хонандагон бояд дар хоначаҳои (кабинаҳои) алоҳида ҷойгир шуда, аз якдигар бо миёнадевор бо баландии на камтар аз 1,8 м ва ба фарш то 0,2 м нарасида ҷудо гарданд. Андозаҳои онҳо дар тарҳ бояд баробар ба 0,8х1 м. бошанд. Яке аз хоначаҳои ҳоҷатхона барои духтарон (барои гигиенаи шахсӣ) таъйин шуда, ба андозаи 1,8 х 1,2 метр бояд бошад. Талабот оид ба дастрасии ҳоҷатхонаҳо дар “§16. Талабот нисбат ба стандартҳо оид ба об, санитария ва гигиена (WASH)” бештар тавзеҳ дода мешавад.

161. Роҳрави байни хоначаҳои ҳоҷатхона ва девори муқобил бояд бо фарохии на камтар аз 1,5 метр, дар ҳоли набудани ташноби пешоб (писуар) ва 2,0 метр, дар ҳоли мавҷуд будани он, пешбинӣ карда шавад.

162. Фосилаи байни ҷумакҳои дастшӯякҳои фардӣ на камтар аз 0,65 м буда, баландии қисми болоии дастшӯякҳо аз рӯи фарш 0,5 метр барои синфҳои 1-ум, 0,6 метр барои синфҳои 2-11 ва 0,7 метр барои хонандагони синфҳои 5-11 бояд қабул гардад. Бари роҳравҳо байни дастшӯякҳо ва девор на камтар аз 1,1 метр, байни ду қатор дастшӯякҳо на камтар аз 1,6 м бояд бошанд.

163. Хоначаҳои душ дар тарҳ бояд бо андозаи на камтар аз 0,9х0,9 м пешбинӣ шуда, бари роҳравҳо байни қатори онҳо на камтар аз 1,2 м. ва байни хоначаҳои ҳамшафат ё хонача ва миёнадевора на камтар аз 0,8 метр пешбинӣ гарданд.

164. Биноҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд бо дарназардошти талаботи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла барои кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд, дар асоси супоришномаи махсус лоиҳакашӣ карда шаванд.

165. Дар мактаб интернатҳо ва интернатҳои наздимактабӣ бояд қисмҳои ҳуҷраҳои хоб дар таркиби ҷои хоб барои ҳар кадом гурӯҳҳои синнусолӣ, қисмҳои санитарӣ, инчунин ҳуҷра барои тоза кардани либосу пойафзол дар назар дошта шавад. Масоҳати ҳуҷраҳои хоб бояд аз ҳисоби 4 $м^2$ қабул гардад. Дар онҳо ҳуҷраҳои хоб бояд дар қисмҳои аз дигар ҳуҷраҳо ҷудогона, бо пешбинӣ намудани деворҳои зидди сӯхтор ҷойгир карда шаванд.

166. Ҳуҷраҳои хоб дар мактаб-интернатҳо ва интернатҳои наздимактабӣ, қисмҳои санитарӣ (хонаи дастурӯшӯӣ, ҳоҷатхона, душхона),

ҷои либоскашӣ дар душхона барои писарон ва духтарон бояд ҷудогона пешбинӣ гарданд.

167. Таъмини мустаҳкамӣ ва устувории техникии биноҳои муассисаҳои таълимӣ танҳо дар мавриди пешбинӣ намудани сохтори конструктивии мусоид имконпазир мегардад. Сохтори конструктивӣ маҷмуи унсурҳои асосии сохтусозии (конструктивии) бо ҳам алоқаманди биноҳо (таҳкурсиҳо, деворҳо, болопӯшҳо, сутунҳои алоҳида, бомҳо, зинапояҳо, дару тирезаҳо, миёнадеворҳо ва ғ.) аст.

168. Интихоби низоми конструктивӣ дар раванди лоиҳакашӣ бо назардошти талаботи ҳаҷму тарроҳӣ, бастакории меъморӣ ва иқтисодӣ, ки дар асоси онҳо соҳаи истифодаи самараноки ҳар як системаи конструктивӣ муқаррар мегардад, амалӣ карда мешавад. Дар лоиҳакашии биноҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ асосан ду системаи конструктивӣ – деворӣ (ғайрисинҷӣ) ва синҷӣ (ғайридеворӣ) мавриди истифодаи васеъ қарор дода мешавад.

169. Системаҳои борбардории бино, дар навбати худ, нақшаҳои конструктивии онро муайян мекунанд. Асосан нақшаҳои конструктивии навъҳои зерини биноҳо вуҷуд доранд: бо деворҳои борбардори қаддӣ; бо деворҳои борбардори барӣ (кундаланг); бо синҷи нопурра; бо синҷи пурра ва деворҳои ғайриборбардор.

170. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва техникии марбут ба муҳити физикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ва шаҳрсозӣ ташкил медиҳанд.

171. Дар раванди лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодаба биноҳо ва иншооти таълимӣ ба эътибор гирифтани талабот нисбат ба хусусиятҳои хоси иқлимиву табии маҳали сохтмон хеле зарур аст.

172. Барои кӯдакони дорои нуқсони ҷисмонӣ, руҳӣ ва равонӣ, ки наметавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил кунанд, бояд шароити таҳсил дар муассисаҳои махсуси таҳсилоти ҳатмӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус фароҳам оварда шавад.

173. Дар МҚШ ҶТ 35-01-2012 “Дастрасии бино ва иншоот барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ” меъёрҳои ҳадди ақал пешбинӣ шудаанд, ки дар асоси риояи онҳо унсурҳои инфрасохторӣ эҳтиёҷоти хонандагон ва омӯзгорони имконияти маҳдуддоштаро ба эътибор мегирад. Ба ин унсурҳо, аз ҷумла: пандусҳо, лифтҳо, инчунин, ҳоҷатхонаҳои дастрас бо дастшӯякҳо ва масоҳати ҳадди ақал барои курсӣ-аробачаҳои маъюбӣ, аломатҳои махсуси мавқеъмуайянкунӣ ва ғайра дохил мешаванд.

174. Дар сурати таҳсил намудани кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии муқаррарӣ, дар шароити мавҷуд набудани лифт дар онҳо, синфхонаҳое, ки дар онҳо кӯдакони номбурда таълим мегиранд, бояд дар ошёнаи якум ҷойгир карда шаванд.

175. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори муассисаҳои таълимии муқаррарӣ, инчунин муассисаҳои таълимии байналмилалӣ фаъолият дошта, дар онҳо низ иҷрои талаботу дастурҳо барои ташаккули муҳити физикии дар боби мазкур дарҷгардида зарур ва ҳатмӣ мебошад. Ҳамзамон, аз ҷониби

фармоишгар, ҳамчун шарик дар татбиқ ва фаъолияти муассисаҳои таълимии байналмилалӣ, илова намудани талаботи махсуси ба муассисаҳои номбурда дахлдор имконпазир аст.

## §16. Талабот нисбат ба стандартҳо оид ба об, санитария ва гигиена (WASH)

176. Обтаъминкунӣ ва обихроҷсозии муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи МҚШ ҶТ 40-04-2015 системаҳои дохилии санитарию техникӣ амалӣ карда мешавад.

Тибқи ҳуҷҷати мазкур бояд:

– барои ҳар 50 нафар (1/50) хонанда ва омӯзгорон на камтар аз як ҷумаки (крани) оби ошомиданӣ;

– вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ як ҷиҳози дастшӯяк барои ҳар 100 хонанда (1/100);

– 1 нуқтаи ҳоҷатхона барои 20 духтар;

– 1 дастшӯяк барои 30 духтар;

– 1 нуқта ҳоҷатхона барои 30 писарбача;

– 1 дастшӯяк барои 30 писарбача;

– 1 пешобҷой (писуар) барои 30 писарбача;

– 1 ҳоҷатхона ба 10 омӯзгор/ мард ва 1 ҳоҷатхона ба 10 омӯзгор / зан;

– ҳадди ақал як ҳоҷатхона бо мақсади фаъолияти гигиенаи занона пешбинӣ гардад.

177. Дастуру тавсияҳои дигар оид ба тарҳрезии ҳоҷатхонаҳои муассисаҳои таълимӣ дар боби 7, бандҳои 64, 65-уми МҚШ ҶТ 31-03-2018 “Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” дарҷ гардидаанд ва риояи онҳо ҳатмӣ мебошад.

178. Ҳамзамон, дар ҳоҷатхонаҳои дар биноҳои муассисаҳои таълимӣ ҷойгиркардашаванда бояд бо дарназардошти талаботи боби 4, §3-юми МҚШ ҶТ 35-01-2012 “Дастрасии иншоот ва биноҳо барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ” на кам аз як хонаи (кабинаи) универсалии дастрас барои ҳамаи гурӯҳҳои кӯдакони имконияти маҳдуд пешбинӣ карда шавад.

179. Хоҷатхонаҳо барои кӯдакони бо норасоии биноӣ ва кӯдакони аз курсӣ–аробачаҳо истифодабаранда бояд на дуртар аз 60 м аз ҷойҳои таълимӣ ҷойгир карда шавад. Хонаи универсалии ҳоҷатхонаҳои истифодаи умумӣ бояд бари на кам аз 1,65 метр, амиқии 1,8 метр дошта бошанд. Дар хонаҳои назди нишастгоҳи халоҷо бояд фазои барои ҷойгиркунии курсӣ-аробачаҳо, инчунин чангакҳо барои либос, асобағалҳо ва асбобҳои дигар пешбинӣ карда шавад.

180. Гузаронидани оби хунуку гарм бояд то ҷойҳои зерин дар назар дошта шавад:

- ба дастшӯякҳое, ки яктоӣ дар ҳар як ҳуҷраи синфҳои 1-4 ва ҳуҷраҳо барои гурӯҳи машғулияташон бардавом гузошта мешаванд;
- ба дастшӯякҳо, ки яктоӣ дар утоқи нақшакашӣ ва санъати тасвирӣ, информатика ва техникаи электронӣ-ҳисоббарорӣ, ҳуҷраҳо барои

гузаронидани маҳфилҳои тарҳсозии техникӣ, табиатшиносони ҷавон, студияи рассомӣ, нақшу нигор, ҳайкалсозӣ гузошта мешаванд;
- ба дастшӯякҳо ва ҷои шустушӯ – дар устохонаҳои коркарди матоъ ва таббохӣ (кулинария), ба дастшӯякҳо дар муаллимхона, ошхона ва ошпазхона ва ҷумакҳои обгирӣ барои эҳтиёҷоти хоҷагӣ, яктогӣ дастшӯякҳо дар устохонаҳои таълимӣ, дар ҳуҷраи коркунони техникӣ ва дар ҳуҷраҳои гӯшаи зиндаи табиат гузошта мешаванд;
- ба душхона ва ба асбобҳои ҳуҷраи беҳдошти шахс, ба ваннаи пойшӯӣ, ба дастшӯяки дуқисма ва кинофотоозмоишгоҳ;
- ба дастшӯякҳои пеши ошхона, дастшӯякҳои қисми санитарӣ ва шуъбаи тиббӣ;
- ба ҷевонҳои озмоишгоҳӣ дар озмоишгоҳҳои кимиё, физика ва биология, инчунин ба таҷҳизоти ошхонаю буфетҳо, ки гузаронидани оби хунуку гарм дар асоси талаботҳои технологӣ пешбинӣ мешаванд.

181. Ҳарорати оби гарми ба асбобҳои омехтакунанда (смеситель) дохилшаванда бояд аз $60^0C$ зиёд набошад.

182. Дар ҳоҷатхонаҳои дар биноҳои муассисаҳои таълимӣ бояд бо назардошти талаботи боби 4, §3-юми МҚШ ҶТ 35-01-2012 «Дастрасии иншоот ва биноҳо барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ” на кам аз як кабинаи универсалии дастрас барои ҳамаи гурӯҳҳои кӯдакони имконияти маҳдуд пешбинӣ карда шавад.

183. Хоҷатхонаҳо барои кӯдакон бонорасоии биниш ва кӯдакони аз курсӣ–аробачаҳо истифодабаранда бояд на дуртар аз 60 м аз ҷойҳои таълимӣ ҷойгир карда шавад. Кабинаи универсалии ҳоҷатхонаҳои истифодаи умумӣ бояд андозаи тарҳи на кам аз: бар – 1,65 м, амиқӣ – 1,8 м дошта бошад. Дар кабинаи назди нишастгоҳи халоҷо бояд ҷой барои курсӣ-аробачаҳо, инчунин чангакҳо барои либос, асобағалҳо ва асбобҳои дигар пешбинӣ карда шавад.

184. Дар кабинаҳои универсалӣ ва хонаҷойҳои дигари санитарию гигиенӣ, ки барои истифодаи хонандагон, аз ҷумла маъюбон, пешбинӣ шудаанд, бояд дар ҳолати зарурӣ, имконияти ҷойгиркунии дастгиракҳо, штангаҳо ва нишастгоҳҳои тобхӯранда ё ҷудошаванда пешбинӣ карда шавад.

185. Ҳуҷҷати СанПин 2.3.2 001-15 “Талаботи гигиенӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус» меъёрҳо ва қоидаҳои санитариро оид ба талаботи гигиенӣ барои муассисаҳои таълимӣ муайян мекунад. Ин меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ барои рафъи таъсири манфии омилҳои зараровар дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда, талаботи санитарию гигиениро муайян мекунанд.

186. Назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва назорати иҷрои меъёру қоидаҳои санитарии мазкур аз тарафи мақомот ва идораву ташкилотҳои масъул ба роҳ монда мешавад.

## §17.Талабот нисбат ба устуворӣ ва бехатарии муҳити физикӣ

187. Риояи талаботҳо нисбат ба устувории биноҳо, фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва каммасраф дар банақшагирӣ, тарҳрезӣ, сохтмон ва истифодаи иншоотҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба кам кардани изофаи карбон ва партоби газҳои гулхонаӣ нигаронида шудааст, ба бехатарии муҳити физикӣ мусоидат мекунанд. Масолеҳи сохтмонии сабз, системаҳои каммасраф ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия, сарфаи об ва идоракунии партовҳо низ марбут ба ин аст.

188. Ҳуҷҷатҳои меъёриву техникии Меъёру қоидаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ) 23-01-2018, МҚС ҶТ 23.02-2021, МҚШ ҶТ 23-03-2017 ва МҚШ ҶТ 41-01-2018 сарфаҷӯйии энергетикии бинои муассисаи таълимиро муайян намуда, МҚШ ҶТ 30-01-2018, МҚС ҶТ 30-04-2021, МҚС ҶТ 40-02-2021, МҚС ҶТ 40.01-2008 ба масъалаҳои ҷобаҷогузории биноҳо ва иншоот, обхезӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди оби борон дар минтақаҳои камоб дахл дорад.

189. Дар сатҳи воқеӣ муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҷамъоварии алоҳидаи партовҳо, қабули аккумуляторҳо ва лампаҳои симобӣ, ҷамъоварии коғазҳои партовҳо ва ғайраро ташкил кунанд. Ҳар як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифодаи сарфакоронаи чароғҳо, муҳаррикҳо ва таҷҳизоту асбобҳои дигари электрикию ғайри он захираҳои табииро самараноку бе исрофкорӣ ба роҳ монад.

190. Муассисаҳои таълимии бехатар фазоеро фароҳам меоранд, ки дар он хонандагон, омӯзгорон ва кормандони дигар на танҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулода, балки дар фаъолияти ҳаррӯза худро амн ҳис кунанд.

191. Барои амалисозии Стратегияи миллии коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2030 вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии муассисаҳои таълимӣ риояи талаботи ҳуҷҷатҳои зерини меъёрӣ зарур мебошад:

– МҚШ ҶТ 22-07-2018 «Сохтмони зилзилатобовар» талаботи меъёриро ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оид ба сохтмон, таҷдид, таҳким ва барқарорсозии биноҳо ва иншоотҳое, ки дар минтақаҳои зилзиланокии 7, 8, 9 ва зиёда аз 9 балл (аз рӯйи ҷадвали МСК-64) пешбинӣ менамояд;

– МҚС ҶТ 21-01-2018 “Бехатарии биноҳо ва иншоотҳо аз сӯхтор” талаботи умумиро оид ба ҳифзи биноҳо ва дигар иншооти сохтмонӣ аз оташ муайян месозад;

– МҚС ҶТ 22-08-2021 “Биноҳо ва иншоот дар хокҳои фурӯнишин” ба тадбирҳои ҳифзи муҳандисии релйефҳо, биноҳо ва иншоотҳо аз ҳодисаҳои хатарноки геологӣ (масалан, обхезӣ ва обхезии ҳудудҳо, ярчҳо, фурӯрезӣ, сел, тармаи барф ва ғайра) ва маҷмуи амалҳои онҳо нигаронида шудааст.

192. Яке аз унсурҳои иловагии раванди таъмини бехатарии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо рафту омад ба он вобаста аст ва бояд пешбинии роҳҳои ҳаракати бехатар ва равшанро ба сӯйи муассиса ба эътибор гирад.

193. Риояи ҳамаи меъёрҳои ҳадди ақалли зикршуда устувории муҳити физикиро бар зидди ҳодисаҳои хатарноки беҳдоштӣ (гигиенӣ), аз ҷумла ҳама гуна пандемияҳои оянда таъмин менамояд. Чунин меъёрҳо беҳтар кардани

сифати ҳаво, таҳвия (вентилятсия), навсозии ҳоҷатхонаҳо, иншооти беҳдоштӣ ва таъмини минтақаҳои муомилоти мувофиқро дар бар мегиранд.

## §18. Талабот оид ба муҳити дохилии физикӣ, таъмини равшании табиӣ ва сунъӣ

194. Равшании табии ҳуҷраҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дар асоси талаботи МСН 2.04-05-9 ва МҚШ ҶТ 23-03-2017 "Равшаникунонии бино, иншоот ва ҳудудҳо" пешбинӣ гардад.

195. Тамоми ҳуҷраҳои асосии таълимӣ бояд на камтар аз қимати меъёрии ба болои мизи таълимӣ КРТ дошта бошанд ва аз рӯи талаботу қоида, рӯшноӣ аз паҳлуи чап таъмин карда шавад. Барои ташкили шакли мобилии гузаронидани дарс мебояд рӯшноӣ баробар дар тамоми сатҳи кори ҳуҷра аз рӯшноии биологии иловагӣ (омехта: якҷояшавии болоӣ ва паҳлуӣ) ё рӯшноии сунъии иловагӣ дар дарунтари ҳуҷра ва берун аз минтақаи мизҳои асосии таълимиро дар назар доштан зарур аст.

196. Лоиҳакашӣ бе рӯшноии табиӣ, танҳо бо рӯшноии сунъӣ дар мавридҳои зерин роҳ дода мешавад:

- роҳҳои алоқа ва долон, ки ҳуҷраҳои истироҳатӣ нестанд;
- душ ва ҳоҷатхона, дар толори варзишӣ ва ҳавз, ҳоҷатхона барои кормандон, ҳуҷраи гигиенаи шахсии занон;
- маркази радиошунавонӣ, кинофотоозмоишгоҳ, ҳуҷра барои системаи маҳдуди телевизион, анбори китобнигоҳдорӣ, борхона;
- ҳуҷраи таҷҳизоти гармидиҳӣ (бойлерная), ҳуҷраи таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва обихроҷсозӣ (насосная) , камераҳои ҳавотозакунӣ, қисми идоракунӣ ва ҳуҷраҳои дигар барои идораи таҷҳизоти муҳандисӣ ва технологии бино.

197. Дар ҳолатҳои фавқулода толори тамошо ва даҳлезҳо (кулуарҳо) ва қисмҳои санитарӣ барои хонандагон лоиҳакашӣ бо рӯшноии сунъӣ роҳ дода мешавад. Дар чунин ҳолат басомади ивазшавии ҳаво (аз рӯи ҳисоб) бояд баланд карда шавад.

198. Таъмини равшании роҳравҳо бо рӯшноии дуюм бо пешбинии миёнадевораи шишагӣ ё болодарӣ дар деворҳои роҳравҳо амалӣ мешавад.

199. Нишондодҳои меъёри рӯшноии сунъии ҳуҷраҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти умумиро аз рӯи меъёру қоидаҳои амалкунанда қабул кардан зарур аст.

200. Нурафканиро ба ҳуҷраҳои таълимӣ бояд дар асоси меъёру қоидаҳои амалкунанда дар назар дошта, тамоюли тирезаҳои ҳуҷраҳои асосии таълимиро, ки кунҷи тамоюли муносиби ҳуҷраҳоро вобаста аз шароитҳои гуногуни шаҳрсозии биноҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ менамояд, қабул кардан зарур аст.

201. Тирезаҳои ҳуҷраҳои таълимие, ки дар онҳо истифодаи воситаҳои техникии таълим пешбинӣ шудаанд, бояд бо парда пӯшонида шаванд.

§19. Талабот нисбат ба гармкунӣ ва ҳавоивазкунӣ

202. Дар биноҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ гармкунӣ ва ҳавотозакунӣ ба назар гирифта шуда, он дар асоси талаботи МҚС ҶТ 41-01-2009, МҚС ҶТ 31-02-2007 ва боби 9, §3-и МҚС ҶТ 23-01-2018 лоиҳакашӣ дар мувофиқа бо идораи назорати сӯхторнишонӣ дар деҳотҷойҳо пешбинӣ кардани гармкунии печӣ аз тариқи оташгиронӣ аз тарафи роҳрав ё ҳуҷраи дамгирӣ ҷоиз аст.

203. Ҳисоби гармии ҳаво барои гармкунӣ ва басомади ивази ҳавои биноҳоро бояд аз рӯи замимаи 11, МҚС ҶТ 23-01-2018 қабул кард. Ҳарорати ҳавои аз тарафи системаҳои гармкунии ҳавоӣ ихроҷшаванда дар вақти корӣ набояд аз $40^0$ С зиёд буда, ихроҷи ҳаво аз ҳуҷраҳои таълимӣ бояд ба воситаи ҳуҷраи дамгирӣ ва қисми санитарӣ амалӣ карда шавад.

204. Дар вақти пешбинии ҳавокашии иҷборӣ бо барангезандаи механикӣ дар ҳуҷраҳои таълимӣ ҳавокашии табиӣ, ки ивазшавии ҳаво дар як соат як бор аст, бояд таъмин карда шавад. Ҳангоми гармидиҳии ҳавоӣ пешбинӣ намудани васоити ҳавокашӣ аз ҳуҷраҳои таълимӣ зарур нест.

205. Системаи алоҳидаи ҳавокашакҳоро барои ҳуҷраҳо ё гурӯҳи ҳуҷраҳои зерин дар назар бояд дошт: синфхонаҳо ва кабинетҳои таълимӣ (дар ҳоли набудани гармидиҳии фазоӣ), озмоишгоҳҳо, толорҳои маҷлисгузаронӣ, синфҳои лексионӣ, устохонаҳои таълимӣ, толори варзишӣ, ҳавзҳо, машқгоҳи тирпаронӣ, ошхона, нуқтаи тиббӣ, ҳуҷраи намоиши филмҳо, қисмҳои санитарӣ.

206. Дар ҳоли тарҳрезии гармкунаки фазоии бо ҳавоивазкунӣ якҷояшуда идораи худкори низомро, аз ҷумла дар вақти корӣ, дар ҳуҷраҳо ҳарорати ҳисобӣ ва рутубатнокии нисбӣ дар ҳудуди 40-60 %, инчунин, берун аз дарс таъмини ҳарорати ҳаворо на пасттар аз 15 $^C$ бояд дар назар дошт.

207. Ҳавоивазкунии ошхонаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бояд барои фурӯбарии гармии зиёдатие, ки аз таҷҳизоти технологии ошпазхона ҷудо мешаванд, ба ҳисоб гирифт. Додани фишори ҳаворо ба ҳуҷраҳои истеҳсолии қисми таомпазӣ тавассути толори хӯрокхӯрӣ низ дар назар бояд дошт. Ҳаҷми ҳавои додашуда бояд на камтар аз 20 $м^3$/соат ба як ҷои нишаст бошад.

208. Дар ҳолати ҷобаҷокунии таҷҳизоти модулии ошпазхона додани қисми фишори ҳаво ба воситаи дастгоҳи ҳавотозакунии ин таҷҳизот ба амал бароварда шавад. Баровардани ҳаворо аз комплекси қисми хӯроктайёркунӣ ба воситаи бинои истеҳсолӣ мебояд дар назар дошт.

209. Воридшавии ҳаво ба ҳуҷраи намоиши кино аз системаи воридотии ҳавои толори маҷлисгоҳ – синфхонаи лексионӣ дар ҳолате пешбинӣ карда мешавад, ки пайвастшавии ҳавобаранда ба ҳуҷраи намоиши кино, ба системаи воридотии ҳавои толор пасттар аз сатҳи фарши ҳуҷраи намоиши кино бошад.

210. Пардаҳои ҳавоӣ-гармкунии ҳуҷраи даромад (тамбур) ба бино барои муассиса, ки 3 ва бештар аз он синфҳои мувозӣ доранд, лоиҳакашӣ шуда, пешбинии пардаҳои гарминигоҳдоранда аз системаи воридотии ҳавои бо ҷойкунонии колорифери гармкунанда ва сарпӯши автоматӣ дар даромадгоҳи дуюм иҷозат дода мешавад.

211. Истифодаи ҳавобарҳои асбесту сементӣ роҳ дода нашуда, дар биноҳои МТУ бо шумораи 200 хонанда ҳавотозакунак бе чараёни муташаккили механикӣ иҷозат дода мешавад.

## §20. Роҳҳои мутобиқ намудани муҳити физикӣ ба фаъолияти таълимии муассиса

212. Бо мақсади мутобиқ намудани муҳити физикии муассисаи таълимӣ ба муҳити педогогӣ, фароҳам овардан ва пешбурди муҳити муассири таълим ва омӯзиш, ҳамзамон ҷорӣ намудани усули фаъоли таълим дар муассиса хеле муҳим мебошад.

213. Муҳити таълим ва омӯзиш бояд ниёзҳои корбаронро дар муҳлатҳои дароз, миёна ва кӯтоҳ бароварда созад. Вобаста ба ин, се роҳи зерини тағйирпазирии бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вуҷуд дорад:

- мутобиқшавӣ – бино ба тағйиротҳо дар муддати дарози вақт мувофиқ аст;
- танзимкунӣ – қисмҳои биноро дар муддати кӯтоҳ ва миёна иваз кардан мумкин аст;
- тағйирпазирӣ ба муддати кӯтоҳи дахл дорад, ки дар он танзимот, мебел ва таҷҳизоти ТИК мумкин аст зуд ва ба осонӣ аз нав танзим карда шаванд. Ин тағйирот метавонад аз ҷониби худи истифодабарандагон амалӣ карда шавад.
- Бисёрфунксионалӣ

214. Мутобиқшавӣ эҳтимолан тағйироти ҷиддиро ба конструксияҳои сохтмон ва ё унсури бино дар бар мегирад.

215. Таъмир ва ё васеъ кардани бино бо мақсади қабули шумораи бештари хонандагон ҳамчун яке аз шаклҳои танзимпазирӣ амалӣ карда мешавад. Танзимпазирӣ аксар вақт баъзе тағйиротро дар конструксияҳои сохтмон ё системаҳои техникӣ дар бар мегирад, аммо на дар сохтор. Тағйирпазирӣ ва ивази ҷойгиршавии мебел, таҷҳизоти ТИК, истифодаи қисмҳо ва миёнадеворҳои ҷойивазкунанда дар таҷриба васеъ истифода мегардад.

## §21. Татбиқи лоиҳаи сохтмони инфрасохтори таълимӣ

216. Лоиҳаи сохтмони инфрасохтори таълимӣ метавонад бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, сохтмони бинои иловагӣ ва таъмири муассисаи таълимии мавҷударо дар бар гирад. Дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сохтмони инфрасохтори таълимӣ якчанд марҳалаи пайдарпай дохил мешаванд:

- арзёбӣ ва қабули қарор;
- интихоби қитъаи замин ва ба даст овардани он;
- таҳияи тарҳи консептуалӣ бо дарназардошти усул ва муносибати таълим;
- марҳалаи тарҳрезӣ;

- харид – раванди тендерӣ;
- сохтмон ва назорат;
- нигоҳдорӣ ва такмили мунтазам дар асоси амалигардонии раванди таълим.

217. Марҳала ва муҳлатҳои асосии гузаштани тартиб барои амалӣ гардондани корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмон тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои зикршуда бояд муайян карда шавад. Расмиёти вобаста ба амалӣ гардонидани фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон аз марҳалаҳои зерин вобаста аст:

- интихоби қитъаи замин ва қабули онро барои амалӣ намудани фаъолияти корҳои сохтмонӣ мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мувофиқи талаботи Кодекси заминсозӣ ва тартиби дар қоидаҳои номбурда нишондодашуда амалӣ менамоянд;
- гирифтани супоришҳои меъморию банақшагирӣ. Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ супоришҳои меъморӣ-банақшагириро таҳия намуда, дар асоси иқтидорҳои зарурии системаи муҳандисӣ шартҳои техникиро аз сохторҳои дахлдор дастрас менамояд ва барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба фармоишгар пешниҳод мекунад;
- таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ. Фармоишгар ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмониро тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба сохтмон ва меъморӣ таҳия менамояд;
- мувофиқасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ. Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мутобиқатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро ба супоришҳои меъморию банақшагирӣ ва меъёрҳои шаҳрсозӣ муқоиса намуда, ҳангоми дуруст будан, мувофиқа менамояд.
- экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ. Фармоишгар ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро барои гузаронидани экспертизаи давлатӣ ба экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозии давлатӣ пешниҳод мекунад;
- гирифтани иҷозат барои иҷрои корҳои сохтмонӣ. Фармоишгар барои гирифтани иҷозат ҷиҳати иҷрои корҳои сохтмонӣ ба мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ муроҷиат менамояд;
- қабули иншооти сохтмонаш бaанҷомрасида барои истифода. Баъди анҷоми сохтмон фармоишгар иншоотро барои қабул ва истифода ба Комиссияи давлатии қабул пешниҳод менамояд.

218. Ғунҷоиши феълии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тамоюли демографии ҷомеа аз ҷониби мақомоти сатҳи поёнии ҳукумати маҳаллӣ (ҷамоат) арзёбӣ мешавад.

219. Дархост барои таҳияи лоиҳаи нави сохтмони инфрасохтори таълимӣ аз ҷониби ҷамоат дар якҷоягӣ бо идораҳои маорифи ноҳияҳо таҳия ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда мешавад.

220. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳия бо мақсади интихоби қитъаи замин барои сохтмони бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲҶТ) дар бораи банақшагирии сохтмони инфрасохтори нави таълимӣ ё бинои иловагӣ дархост пешниҳод менамояд.

221. Қитъаи заминро бахшҳои Кумитаи замин ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо интихоб мекунад ва раиси шаҳр ё ноҳия дар

бораи ҷудо кардани он қарор қабул мекунад. Дар асоси ин қарор кумитаи замин барои ҳуқуқи истифодаи замин шаҳодатнома медиҳад. Дар бобати заминҳои обӣ қарорҳои ҲҶТ заруранд.

222. Қитъаи замини мувофиқ бояд ба якчанд талабот ҷавобгӯ бошад:

- мутобиқат ба шароити иқлимӣ;
- эмин аз хатари офатҳои табиӣ (масалан, обхезӣ, зилзила);
- дар наздикии роҳи оҳан, шоҳроҳҳо ё роҳҳои серодам набошад;
- мавҷудияти дарахтзору кабудизор дар майдони сохтмон ва паҳлуи он (ба мақсад мувофиқ аст, аммо ҳатмӣ нест).

223. Масоҳати майдони сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба як хонанда аз 30 то 70 $м^2$ ҳисоб карда мешавад. Андозаи ҳадди ақал тибқи замимаи 11, банди 94, МҚШ ҶТ 30-01-2018 “Шаҳрсозӣ. Банақшагирӣ ва бунёди маҳалҳои аҳолинишин” метавонад ба 2800,0 $м^2$ баробар шавад.

224. Дар доираи амалишавӣ муҳити физикии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд мувофиқ ба талаботи муосири раванди таълиму омӯзиш ва дорои хусусиятҳои зерини меъмориву тарҳӣ ва конструктивӣ бошад:

- фасеҳии муҳити дохилӣ (ҳолати тарроҳиву андозагирӣ): синфхона ва ҳуҷраҳои дигари таълимӣ, вобаста аз шакли фаълияти таълимӣ (кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, маҳфилҳо ва ғ.), ба осонӣ аз нав тарҳрезӣ мегарданд. Ҷобаҷогузории асбоби бисоти таълимӣ (мизу курсиҳо) вобаста ба шакли баргузории машғулиятҳо тағйир дода мешавад; ҳуҷраҳои толорӣ (варзишиву маҷлисӣ, китобхона ва ғ.) бисёртаъйинот (универсалӣ) пешбинӣ шуда, дар онҳо бо истифода аз миёнадеворҳои ҷамъшавандаю ҷойивазкунанда, вобаста ба зарурат, масоҳатҳои гуногуни муҳити дохилӣ пайдо карда метавонанд;
- минтақаҳо (ҷойҳо) барои корҳои гурӯҳӣ: ташкил намудани фазоҳои махсус, ки дар онҳо хонандагон дар гурӯҳҳо фаъолият, муошират ва ҳамкорӣ менамоянд. Ин ҷойҳо метавонанд дар шакли кунҷакҳои бароҳат, суфачаҳо ва фазоҳои кушода бошанд;
- истифодаи пурраи равшанӣ ва ҳавотозакунии табиӣ: дар муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир истифодаи пурраи равшании табиӣ ва ҳавои тоза ба роҳ монда мешавад, ки онҳо барои ташаккули муҳити бароҳати таълиму омӯзиш мусоидат менамоянд;
- рангорангии минтақаҳои таълимӣ: бо мақсади ҷолиб ва рангоранг гардонидани раванди таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳозиразамон, дар қатори ҳуҷраҳои таълимӣ, инчунин озмоишгоҳҳои фаннӣ, устохонаҳои таълимиву истеҳсолии гуногунтаъйинот, студияҳои маҳорат, ҳуҷраҳои варзишӣ ва минтақаҳои истироҳативу фароғатӣ пешбинӣ шудаанд;
- ҳамоҳангсозии технологӣ: истифодаи тахтаҳои синфии интерактивӣ, асбобҳои мултимедиявӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва технологияҳои воқеияти виртуалӣ раванди таълимро на танҳо шавқовар, балки муосир ва муассир месозанд;
- устувории экологӣ: муассисаҳои таҳсилотии нав дар асоси ғояҳои рушди устувор бунёд гардида, дар онҳо манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла лавҳаҳои (панелҳои) офтобӣ, системаҳои энергиясарфаҷӯйӣ ва инчунин масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза мавриди истифодаи васеъ қарор дода мешавад;

- ҳамгироии ҷойҳои алоҳида ва ҳамкориҳои мутавозӣ: ҷою минтақаҳо барои таълими инфиродӣ ва корҳои якҷояи хонандагон бо дарназардошти малакаҳои гуногуни омӯзиш ва рафтори хонандагон пешбинӣ мешаванд;

- рушди устувори фаъолнокии ҷисмонӣ: фазоҳо барои фаъолнокии ҷисмонӣ бевосита дар толорҳои варзишии биноҳо, инчунин дар фазои кушодаи майдончаҳои варзишӣ, минтақаҳо барои машғулияти дигари варзишиву солимгардонии хонандагон ҷудо мегарданд;

- фарогирӣ ва дастрасӣ: ҳалли меъмориву тарҳрезии биноҳои муассисаҳои таҳсилотӣ пурра бо дарназардошти талабот ва эҳтиёҷи тамоми хонандагон, аз ҷумла хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуди амалӣ карда мешавад;

- зебоӣ ва ҷолибияти меъморӣ-бадеӣ: ороиши мусоиди биноҳои муассисаҳои таҳсилоти муосир барои эҷоди муҳити зебову ҷолиб ва илҳомбахш ба таълиму омӯзиши босамари хонандагон мусоидат менамояд.

## §22. Татбиқи марҳилаҳои лоиҳакашӣ, раванди харид (тендер), сохтмон ва назорат

225. Марҳилаҳои таҳияи лоиҳаи сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ дар асоси талаботи боби 9-уми МҚШ ҶТ 30-05-2017 "Қоидаҳои иморатсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда шуда, аз корҳои пешазлоиҳавӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон, мувофиқаоварӣ ва экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ иборат мебошад.

226. Фармоишгари лоиҳаи сохтмони инфрасохтори таълимӣ метавонад ҳукумати маҳаллӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сармоягузори хусусӣ бошад.

227. Пас аз ҷудо кардани қитъаи замин фармоишгари лоиҳа чунин корҳоро бояд ба иҷро расонад:

- фиристодани мактуб барои гирифтани ҳуҷҷатҳои пеш аз лоиҳа (ё ҳуҷҷатҳои лоиҳакашӣ) ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳия;
- санади вобаста намудани қитъаи замин;
- қарори раиси ноҳия оид ба тасдиқи санади вобаста намудани қитъаи замин;
- қарори раиси ноҳия оид ба иҷозати лоиҳакашӣ ва сохтмон;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин) аз Кумитаи замини шаҳр ё ноҳия;
- супориши меъморӣ аз шуъбаи меъмории шаҳр ё ноҳия;
- Шарти техникӣ аз ШСХК «Барқи Тоҷик» барои ба иқтидор;
- Шарти техникӣ аз ҶСК «Тоҷиктелеком» барои нуқтаи телефон;
- Шарти техникӣ аз КВД «Обу корезӣ» дар як шабонарӯз;
- Хулосаи сармеъмори шаҳр ё ноҳия;
- Хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ аз Кумитаи ҳифзи муҳити зист;
- Хулосаи шуъбаи ҳифзи муҳити зист аз шаҳр ё ноҳия;
- Хулосаи хадамоти оташхомӯшкунӣ аз Вазорати корҳои дохилӣ;

- Хулосаи санитарӣ-эпидемологӣ аз шаҳр ё ноҳия;
- Нақшаи ҷойгиршавии иншоот бо нишондоди хатҳои муҳандисӣ аз шуъбаи меъмории шаҳр ё ноҳия.

228. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-харҷномавӣ, ки аз ҷониби ташкилоти лоиҳакашӣ таҳия шудааст, барои баррасӣ ба Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ (дар назди Кумитаи меъморӣ ва сохтмон) пешниҳод карда мешавад.

229. Экспертизаи лоиҳаҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

230. Баъд аз тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва муайян намудани маблағи зарурӣ фармоишгар ба ниҳодҳои зерин дархост ирсол менамояд:
- агар маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат гирад, ин равандро Агентии хариди давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад;
- агар маблағгузорӣ аз ҳисоби грантҳо ё бахши хусусӣ сурат гирад, ин равандро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад.

231. Тавассути раванди тендер як ширкати лоиҳакаш барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ интихоб карда мешавад.

232. Назорати мувофиқати иҷрои корҳои сохтмониро ба талаботи иҷозат барои сохтмон, тартиби шаҳрсозӣ, стандарт ва меъёрҳои давлатӣ мақомоти назорати давлатии сохтмон ва меъморӣ ва мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ амалӣ мегардонанд.

233. Давомнокии сохтмон вобаста ба тарҳи лоиҳа ва мавҷудияти маблағҳои зарурӣ анҷом дода мешавад.

## БОБИ V. АРЗЁБӢ ВА ТАЪМИНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

### §23. Арзёбӣ, мазмун, муҳтаво ва ҳадафҳои он

234. Арзёбии сифати таҳсилот ҳамчун механизми ҳамаҷонибаи арзёбии мутобиқати ҷанбаҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла таълим, муҳити омӯзиш ва фаъолияти институтсионалӣ ба стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи барнома ва нақшаҳои таълимӣ хизмат мекунад. Таҳкими низоми одилонаи арзёбии сифати таҳсилот аз таҳияи низомномаи фарогиру мустаҳкам иборат аст, ки беҳбудии пайвастаи натиҷаҳои омӯзишро дар баробари мувофиқат бо афзалиятҳои миллӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ низ таъмин менамояд. Ин низомномаи дар асоси принсипҳои баробарӣ, эътимоднокӣ, фарогирӣ ва шаффофият амал карда на танҳо андозагирӣ, мутобиқат, балки инчунин ба навоварӣ, мусоидат ба ҳисоботдиҳӣ ва баланд бардоштани сифати умумии таҳсилот дар тамоми сатҳҳо пешбини карда мешавад.

235. Самти асосии арзёбии сифати таҳсилот баҳодиҳии дониш ва салоҳиятҳои хонандагон мебошад. Таъмини сифат таҳлил ва арзёбии

мунтазами раванди таълим бо мақсади таъмини сифат ва баланд бардоштани сатҳи он, дастрасии баробару самаранокии он мебошад.

236. Арзёбии муҳити педагогӣ, муҳити физикӣ ва муҳити идоракунӣ, ҳамчун воситаи муайянкунандаи сабабҳои пешрафти таълимгирандагон барои ба даст овардани ин ё он салоҳият дар асоси дониш, малака, маҳорат ва тарзи тафаккури таълимгирандагон ба таври умумӣ ё инфиродӣ низ чун такмилбахши он анҷом дода мешавад. Дар муассисаҳои таълимӣ арзёбии муҳити физикӣ, педагогӣ ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси меъёрҳои амалкунанда ба роҳ монда мешавад.

237. Арзёбӣ дорои вазифа, мақсад ва ҳадафҳои мушаххас мебошад. Арзёбӣ ҳадафҳои зеринро дар бар мегирад:

- арзёбии раванди омӯзиш;
- арзёбӣ барои омӯзиш;
- арзёбӣ ҳамчун омӯзиш.

238. Вобаста ба самтҳои асосии муайянкардаи мақомоти ваколатдори соҳаи маориф арзёбӣ бо мақсадҳои зерин роҳандозӣ мешавад:

- мониторинги натиҷаҳои таълим: арзёбии мунтазами фаъолияти хонандагон тавассути санҷишҳои стандартӣ ва баррасиҳои методӣ;
- таҳлили фаъолияти омӯзгорӣ: арзёбии самаранокии фаъолияти омӯзгорон, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъф (суст)-и онҳо, инчунин эҳтиёҷоти онҳо ба такмили ихтисос;
- омӯзиши шароити таълим: омӯзиши заминаи моддию техникӣ, ҳамчунин шароити таълимӣ ва беруназсинфӣ, ки дар он раванди таълим амалӣ карда мешавад;
- таҳия ва татбиқи меъёрҳои муосири арзёбии сифати раванди таълим;
- таҷдиду такмили усулҳои таълим мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи тахассусию касбии ҳайати омӯзгорон тавассути барномаҳои танзимшавандаи таълим ва бозомӯзӣ.

239. Таъмин ва кафолати сифати таҳсилот дар асоси навъҳои зерини арзёбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ мегардад:

- **Арзёбии омӯзиши хонандагон** тариқи арзёбиҳои ташхисӣ, формативӣ, ҷамъбастӣ ва салоҳиятҳо барои инъикоси арзёбии ҳамаҷонибаи омӯзиш амалӣ карда мешавад.
- **Арзёбии омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ** бо мақсади муайян кардани самаранокии таълим, сифати роҳбарӣ ва идоракунӣ ба роҳ монда мешавад.
- **Арзёбии муҳити омӯзиш** таъсири ҷанбаҳои педагогӣ, ҷисмонӣ ва идоракунии муассисаи таълимиро ба натиҷаҳои таълим муайян менамояд.
- **Арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ** ба монанди PISA ва TIMSS метавонад низоми таҳсилотро дар самти ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқат ба меъёрҳои байналмилалӣ роҳнамоӣ кунад.

240. Ҳадафи асосии аккредитатсия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташхису таҳлили вазъи раванди таълим бо мақсади таъмин таҳсилоти

босифати ба рушди фардии ҳар як хонанда нигаронидашуда ва рушду такмили низоми маориф аст. Арзёбӣ барои амалӣ кардани муносибати босалоҳияти таълим дар ҳамбастагии муҳити педагогӣ ва муҳити физикӣ заминаҳои зуруриро фароҳам меорад.

241. Арзёбии муҳити педагогӣ шароит ва амалияеро, ки татбиқи раванди таълимро таъмин мекунанд, баҳо медиҳад. Ин арзёбӣ ба меъёрҳои асосии зерин равон гардидааст:

- Арзёбии **фаъолияти касбии омӯзгорон** бо мақсади муайян кардани татбиқи амалии донишҳои назариявии омӯзгорон дар раванди таълим, аз ҷумла гузаронидани дарс, идоракунии синф ва усулҳои ҷалби хонандагон гузаронида мешавад.
- Арзёбии **ҷалби хонандагон ба машғулиятҳо** бо мақсади татбиқи амалии дониш дар раванди таълим ва инъикоси натиҷаҳои омӯзиш амалӣ карда мешавад.
- **Арзёбии такмили ихтисоси омӯзгорон тавассути б**аррасии барномаҳо ва имкониятҳои мутобиқ ба стандартҳо ва методологияи муосири таълим тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ба роҳ монда мешавад.

242. Арзёбии муҳити педагогӣ ба таври васеъмиқёс, алоҳида ва интихобӣ дар асоси воситаҳои арзёбии муайянгардида амалӣ карда мешавад. Арзёбии муҳити педагогӣ дар асоси воситаҳои арзёбии ягонаи аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи маориф таҳияшаванда роҳандозӣ мегардад. Дар раванди арзёбии муҳити педагогӣ омӯзгорон ва хонандагон дар алоҳидагӣ арзёбӣ карда мешаванд.

243. Муҳити физикии муассисаи таълимӣ, вобаста ба ҳолат ва зарурат, қисман ва ё куллан арзёбӣ карда мешавад, ки чунин навъҳоро дар бар мегирад:

- арзёбии касбии меъморӣ барои муассисаҳои нав дар маҳаллаҳо, деҳаву шаҳрак ва шаҳрҳо вобаста ба пайдо шудани зарурати сохтмон амалӣ карда мешавад;

- арзёбӣ барои сохтмони биноҳои иловагии муассисаҳои таълимии мавҷуда низ гузаронида мешавад. Арзёбии касбии меъморӣ барои муайян кардани фарсудашавӣ, таҷдид ва таъмири куллии муассисаҳои таълимии фаъолияткунанда низ корбурд дорад;

- арзёбии муассиса ҳангоми садама ва офатҳои табиӣ (ҳолати садамавӣ). Чунин арзёбӣ аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулода дар ҳолати рух додани ягон офати табиӣ ё садамаҳои вазнин низ анҷом дода мешавад;

- арзёбии муассиса ҳангоми иҷозатномадиҳӣ, аккредитатсия ва муайянкунии рейтинги муассисаи таълимӣ ва иншоотҳои ёрирасони он тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф сурат мегирад;

- арзёбиҳои касбии меъёрии ҳолати санитарии бинои муасисаи таълимиро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мекунад;

- арзёбии мувофиқат ба талаботи зидди сӯхтор аз ҷониби Раёсати сӯхторхомӯшкунии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад;

- арзёбӣ бо мақсади муайян кардани мувофиқати муҳити физикӣ ба таълим ва омӯзиш дар асоси пурсишнома ва таҳқиқотҳои соҳавии маориф амалӣ мегардад.

244. Арзёбии идоракунии муассисаи таълимӣ фарогири ҳама унсурҳои фаъолияти идории муассиса буда, раванди татбиқи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маориф (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсия, стратегия, барнома), маблағгузории соҳавӣ ва истифодаи самараноки он, базаи моддӣ-техникӣ, мониторинг, банақшагирӣ мутобиқ ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот ва фароҳам овардани муҳити педагогии самарабахш ва таъмини таҳсилоти босифат ба роҳ монад мешавад.

## §24. Асосҳои таъмини сифати таҳсилот

245. Асосҳои таъмини сифати таҳсилотро фароҳам овардани шароит, аз ҷумла ҷудо намудани захираҳои зарурӣ (таълимию методӣ, молиявӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ) барои ноил гардидан ба мақсадҳо дар болоравии сифати таҳсилот ташкил намуда, вобаста ба он маҷмуи тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- таҳия барномаҳои муосири таълимӣ ва татбиқи онҳо, навсозии нақшаю барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи имрӯза ва стандартҳои байналмилалӣ;
- такмили ихтисоси омӯзгорон, гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон доир ба татбиқи усулҳо ва технологияҳои нав дар таълим;
- ташкили муҳити созгори таълим, фароҳам овардани дастрасии хонандагон ба маводди муосири таълимӣ, воситаҳои технологӣ ва захираҳои иловагӣ, ки ба рушди таълимии онҳо мусоидат мекунад;
- фаъолияти оила ва ҷомеа: ҳамкории фаъолона бо волидон ва ҷомеа бо мақсади таъмини дастгирӣ ва рушди ташаббусҳои таълимӣ.

246. Кафолати сифати таҳсилот аз муассисаҳои таълимӣ риояву татбиқи сиёсати соҳаи маориф, расмиятҳо ва стандартҳоро барои таъминоти таҳсилоти босифат дар муҳити омӯзиши самарабахш талаб менамояд.

247. Таъмини сифати таҳсилот тавассути арзёбии худидоракунии муассисаи таълимӣ, арзёбии берунӣ (аз ҷумла санҷишҳои маъмурӣ, иҷозатномадиҳӣ, аккредитатсия), арзёбии омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва арзёбии хонандагон бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳои зарурии таҳсилот, ба монанди иҷрои нақшаву барномаи таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, муҳити педагогӣ, идоракунии муассисаи таълимӣ, муҳити физикӣ ва дастовардҳои таълимии хонандагон таъмин мегардад.

248. Ҳадафи асосии таъмини сифати таҳсилот эҷоди муҳити устувор барои такмили пайваста ва риояи меъёрҳои муқарраршудаи таълимӣ буда, фарогири арзёбии берунӣ, худбаҳодиҳӣ ва усулу равишҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар он низ ҳаст.

249. Таъмини сифати таҳсилот дар асоси принсипҳои арзёбии ба меъёрҳо асосёфта, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, мувофиқат, эътиборнокӣ, эътимоднокӣ ва муқоисавӣ амалӣ карда мешавад.

250. Расмиётҳои асосие, ки барои таъмини сифати таҳсилот ва фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсилоти босифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд, инҳоянд:

- тасдиқи нотариалии Оинномаи муассисаи таълимӣ;
- мавҷудияти шиносномаи техникии муассисаи таълимӣ;
- мавҷудияти маводди таълимии мувофиқ ба стандарт ва барномаҳои таълимӣ;
- маълумотномаи тасдиққунандаи мутобиқат ба талаботи зидди сӯхтор;
- маълумотномаи тасдиққунандаи мутобиқат ба талаботи санитарӣ ва гигиенӣ;
- бақайдгирӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тасдиқи мавҷудияти захираҳои кадрӣ ва техникӣ;
- иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ;
- аккредитатсияи муассисаи таълимӣ.

## §25. Мониторинги муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ

251. Тавсияҳо барои кафолати сифати таҳсилот мунтазам тавассути мониторинги муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад *(қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.09.2021, 13/4; қарори мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2022, №13/40)*.

252. Мониторинг як шакли мушоҳида ва назорат аст, ки мутобиқати раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимиро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзёбӣ ва муайян менамояд.

253. Мониторинги сифати таҳсилот дар шакли таҳқиқоти махсус, оморӣ, иҷтимоӣ, психологӣ гузаронида шуда, нишондиҳанда ва тартиби гузаронидани онҳо тибқи муқаррарот муайян карда мешавад.

254. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ паз аз соли 2024 низоми 10-холаи баҳогузорӣ тавсия дода мешавад *(қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2023, № 26/27)*.

255. Дар низоми 10-холаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзишӣ, сифати дониш, малакаву маҳорати хонандагон 4 дараҷа (олӣ, хуб, миёна ва паст) ва 10 зинаи баҳогузорӣ (аъло, олӣ, хубтар, хуб, қаноатбахш, кофӣ, кам, нокифоя, паст ва пасттар) муаяйн карда шудааст. Дараҷаи олӣ 2 зина (аъло ва олӣ), дараҷаи хуб 2 зина (хубтар ва хуб), дараҷаи миёна 3 зина (қаноатбахш, кофӣ, кам) ва дараҷаи паст 3 зина (нокифоя, паст ва пасттар)-ро дар бар мегирад.

256. Арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон, ки ба натиҷаҳо (ё салоҳиятҳо) нигаронида шудааст, маъмулан, ба чор навъ: ташхисӣ, ҷорӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ ҷудо мешавад:

- арзёбии ташхисӣ барои муайян кардани сатҳи ибтидоии дониш, малака ва маҳорати хонанда, ҷамъ овардани маълумот дар бораи қобилияти ӯ ва муайян кардани стратегияи таълим истифода бурда мешавад;

- арзёбии ҷорӣ барои муайян кардани дараҷаи пешрафти инфиродии хонанда дар азхудкунии барномаи фаннӣ истифода шуда, он метавонад арзёбии ташаккулдиҳанда бошад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда раванди мақсадноки доимии мушоҳидаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ буда, барои ошкор кардани мушкилоти раванди азхудкунии маводди таълимии хонанда ва бартарафсозии он пешбинӣ мешавад;

- арзёбии ҷамъбастӣ раванди муайян намудан ва мутобиқати сатҳи ниҳоии ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи стандарти фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва ошкор намудани сатҳи қобилияти татбиқи донишҳои азхудкардаи хонанда дар амал буда, дар охири омӯзиши бобҳо, фаслҳо, чоряк, нимсола, солона ва аттестатсия гузаронида мешавад.

257. Дар баробари ҳуҷҷатҳои расмии қайди пешрафт ва иштироки таълимгирандагон ва журнали синф, истифодаи барномаҳои электронии E-Donish, edupage низ барои фаъолияти мониторинги босифат тавсия дода мешавад. Мақомоти ваколатдори соҳаи маориф, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки ба таври пайваста бо истифода аз маълумоти дар ин ҳуҷҷатҳо ҷамъоваришаванда таҳлилҳо анҷом дода, раванди таълимро барои таъмини таҳсилоти босифат амалӣ созанд.

258. Бо истифода аз воситаҳои муосири иттилоотии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ намудани худкорагии (автоматикунонии) ҷараёни таълим, дафтар ва рӯзномаҳои электронии баҳисобгирӣ, мониторинги фосилавии давомот, пайгирии вақти ворид ва хориҷшавии хонандагон низоми самараноки мониторинг ва арзёбӣ ба роҳ монда мешавад.

259. Мониторинги оморӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маълумоти дар барномаи EMIS (системаи иттилоотии идоракунии маориф) ҷамъоварӣ ва коркардшаванда амалӣ мегардад.

260. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд ҳисоботи омориро барои мониторинги дохили муассисаи таълимӣ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намуда, барнома ва нақшаи пешбурди самараноки кори муассисаи таълимиро ба роҳ монанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз барномаи MS Access пойгоҳи иттилоотии таълимгирандагон таъсис ва мавриди истифода қарор дода шавад.

261. Муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз порталҳои электронии идораи муассиса таҳлилҳои оморӣ анҷом медиҳанд. Хуб аст, ки маълумот дар бораи дастовардҳои таҳсилотии таълимгирандагон, ки аз ҷониби ГИСТ (гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот) дар муассиса ҷамъоварӣ, таҳлил ва баррасӣ шуда, барои беҳтар кардани сифати таълим ва фароҳам овардани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат истифода карда шавад.

262. Санҷишҳои марҳилавӣ дар як сол чаҳор маротиба барои ҳар як синф аз тамоми фанҳои таълимӣ ва дар доираи нақшаи тақвимӣ-мавзуии ҳар

фанни таълимӣ, ҳамчун санҷишҳои умумии ба як фан тааллуқдошта баргузор мегардад.

263. Таҳлили натиҷаҳои санҷишҳои фаннӣ ва марҳилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бо мақсади муайян сохтани мушкилоти дар раванди таълим ҷойдошта ва рафъи он анҷом дода мешавад. Натиҷаи санҷишҳои ГИСТ дар журнали синф қайд карда мешаванд. Имтиҳонҳои гузариш (аз синф ба синф) ва хатм санҷиши солона ва натиҷагирии умумии таҳсил буда, таҳлили он низ натиҷагирӣ карда мешавад.

## §26. Нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)–и арзёбӣ

264. Барои таҳлили вазъи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъмини сифати таҳсилот нишондиҳандаҳои муайян мавҷуданд, ки дар доираи амалӣ кардани арзёбиҳо вобаста ба мақсади он истифода карда мешаванд.

265. Бо истифода аз нишондиҳандаҳои таҳлилӣ вазъи таҳсилот ва унсурҳои ба он таъсиррасон муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бештар дар амалисозии арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ истифода мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо барои таҳия, қабул ва амалӣ кардани консепсия, стратегия ва барномаҳои рушд истифода мешаванд (*Замимаи № 1*).

## §27. Арзёбии миллӣ ва байналмилалӣ

266. Арзёбии миллӣ бо мақсади натиҷагирӣ аз фаъолияти таълимӣ дар давраҳои муайян гузаронида мешавад. Давра ва муҳлати гузаронидани арзёбии миллиро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

267. Дар арзёбии миллӣ сифати таҳсилот дар асоси меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешавад:

- дастовардҳои шахсии хонанда, ки ҷанбаҳои гуногуни таълимӣ ва рушди шахсии ӯро дарбар мегирад;
- касбияти омӯзгорон (нишондиҳандаи мувофиқати касбию тахассусии омӯзгор ба талаботи имрӯза);
- ташкили раванди таълим ва ташаккули фазои ягонаи таълимӣ (нишондиҳандаҳои ҳолатҳои иҷтимоию психологии муҳити таълимӣ, ки хонанда дар он муҳит худро мешиносад, шахсияташро месозад);
- пешрафти равандҳои инноватсионӣ дар муассисаи таълимӣ (расидан ба мақсадҳое, ки дар барномаҳои миллӣ ва давлатии рушд муқаррар шудаанд);
- рақамикунонӣ (технологияҳои компютерӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва самарабахшии онҳо);
- самаранокии идора (иҷрои қарорҳои қабулшуда, танзиму мураттабсозии фаъолиятҳо, сифати низоми иттилоърасонӣ ва монанди инҳо).

268. Дар доираи арзёбии миллӣ сифати таҳсилот (бахусус, дараҷаи заминавӣ (минималӣ)-и азхудкунии дониш ва малакаю маҳоратҳо бар асоси барномаи таълим) мутобиқи меъёрҳои таъйингардида муайян карда мешавад. Дар арзёбии сифати таҳсилот, аз ҷумла нуктаҳои зерини раванди таълим ба эътибор гирифта мешавад:

- дониши азхудкардаи хонанда аз фанҳои муайян аз рӯйи самт (бахусус, забони модарӣ, математика, таърих, илмҳои табиатшиносӣ);
- донистан ва истифодаи технологияи рақамӣ;
- муошират бо забони хориҷӣ;
- рушди салоҳиятҳои асри XXI;
- завқи омӯзиш ва рушди шахсият;
- масъулиятшиносӣ ва кордонӣ.

269. Вобаста ба мақсад ва дараҷаи таҳқиқот ин меъёр ва нишондиҳандаҳо ба меъёр ва нишондиҳандаҳои дохилӣ (дар сатҳи муассисаи таълимӣ) ва берунӣ (дар сатҳи ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ) ҷудо карда мешаванд.

270. Барои таҳкиму дастгирии раванди арзёбиҳои миллӣ тадбирҳои зерин андешида мешаванд:

- банақшагирӣ ва идоракунӣ;
- омода кардани воситаҳо ва муқаррарот;
- ҷамъоварии маълумот;
- коркард ва таҳлили натиҷаҳо;
- ҳисобот ва интишори натиҷаҳои арзёбӣ.

271. Ҳисоботи расмӣ дар бораи натиҷаҳои асосии арзёбии миллӣ ба мақомоти ваколатдори соҳа ва зерсохторҳо барои қабули қарорҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

272. Арзёбии миллӣ дар ду шакл амалӣ мешавад:

- интихобӣ – аз шумораи умумии таълимгирандагон шумораи муайяни интихобшудагон иштирок менамоянд;
- умумӣ – ҳамаи таълимгирандагони синну соли муайян дар арзёбӣ иштирок мекунанд.

Арзёбии миллӣ бештар ба шакли дувум сурат гирифта, дар он нишондоди натиҷаҳои фаъолияти ҳар як муассиса ва хонанда арзёбӣ карда мешавад.

273. Арзёбии миллӣ чор гурӯҳро дар бар мегирад: таълимгирандагони синфи 4, синфи 6, синфи 9 ва синфи 11.

274. Арзёбии миллӣ бо истифода аз равишу восита ва абзорҳои гуногун, аз ҷумла тестҳо, пурсишномаҳо ва ғайра гузаронида мешавад. Арзёбии миллӣ таълимгирандагон, волидайн ё шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро фаро мегирад.

275. Арзёбии байналмилалӣ дастовардҳои таҳсилотии таълимгирандагони синну соли муайяни кишварро омӯхта, натиҷаҳои онро ба мақомоти марбутаи кишвар пешниҳод мекунад ва барои анҷом додани муқоисаи низоми маорифи як кишвар бо кишварҳои дигар замина мегузорад.

276. Муҳлати гузаронидани арзёбии байналмилалиро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо баргузоркунандагони арзёбиҳои байналмилалӣ ва хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

277. Мақсадҳои асосии арзёбии байналмилалӣ инҳоянд:

- пайгирии пешрафти дастовардҳои таҳсилоти кишварҳои ширкаткунанда бо мурури замон;
- муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба натиҷаҳои таълимии хонанда (шароити таълимӣ дар хона ва муассисаҳои таълимӣ, таҷрибаҳои таълимӣ, донишомӯзӣ);
- муқоисаи пешрафти таълимии хонандагони муассисаҳои таълимии мамлакат бо дигар кишварҳои аъзо;
- ҷамъоварии маълумот барои тарҳрезии сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- баррасиҳои фарогир оид ба афзалиятҳои асосии мазмуну муҳтавои таҳсилоти миллӣ дар миёни ҷомеа.

278. Арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва ҳамаи унсурҳои таъсиррасони он дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъмиқёс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъмин ва кафолати таҳсилоти босифат, шаффофият ва дастрасии баробар ба ҳамаи хонандагон дар 4 сатҳ амалӣ карда мешавад:

- сатҳи аввал – арзёбии дохилимуассисавӣ: дар ин сатҳ арзёбии кормандони муассиса ва таҳлилгарони дохилӣ, ба монанди директор, муовинони директор, омӯзгорон, роҳбарони шуро ва иттиҳодияҳои методӣ, мудири кабинети методӣ ва гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот амалӣ мегардад;
- сатҳи дуюм – арзёбии ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ: дар ин сатҳ арёзбӣ аз ҷониби мушовирони шуъбаву раёсатҳои маорифи шаҳру ноҳия ва вилоятҳо амалӣ карда мешавад;
- сатҳи сеюм – арзёбии ҷумҳуриявӣ ё миллӣ: дар ин сатҳ арёбӣ аз тарафи мақомоти марказии маориф, ба монанди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм татбиқ карда мешавад;
- сатҳи чорум – арзёбии байналмилалӣ: арзёбии байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии соҳавӣ амалӣ мегардад.

279. Арзёбӣ, вобаста ба сатҳи амалишавиаш, ба арзёбии васеъмиқёси сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҷудо карда мешавад. Арзёбиҳо барои ташаккули низоми миллии мониторингу арзёбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минбаъд ворид шудан ба низоми байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот ва иштирок дар пажӯҳишҳои байналмилалӣ, ба монанди TIMSS, PIRLS, PISA ва ғ. мусоидат мекунад.

280. Бо мақсади таъмини шаффофият ва таҳлили самараноки сифати таҳсилот, ки ба кафолати таҳсилоти босифат нигаронида шудааст, навъ, шакл, сохтор, мазмун ва мундариҷаи саволномаҳои тестӣ дар қолаби ягонаи миллӣ таҳия карда мешавад. Қолаби ягонаи миллии саволнома ва

пурсишномаҳо дар ҳамоҳангии мақомоти ваколатдори соҳаи маориф таҳия мегардад.

### §28. Мақоми ваколатдор дар арзёбӣ ва кафолати сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

281. Мақомоти ваколатдори арзёбӣ ва кафолати сифати таҳсилот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

282. Таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бар зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Вазорат низоми арзёбиро муқаррар мекунад, ки дар асоси он муассисаҳои таълимӣ тибқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, кафолати сифати таҳсилотро таъмин мекунанд. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ мутобиқати саволнома ва пурсишномаҳо бо барномаи таълимӣ ва хусусиятҳои сиёсати миллиро дар бахши маориф ва илм муайян мекунанд.

283. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм мақоми асосии танзимкунандаи мониторинг ва арзёбии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аст, ки дар асоси меъёрҳо ва стандартҳои муқарраршуда санҷишҳои маъмурӣ ва санҷишу арзёбиҳои мувофиқат ба меъёрҳоро мегузаронад. Нақши Агентӣ аз ошкор кардани камбудиҳо, пешниҳоду роҳнамоӣ оид ба чораҳои ислоҳкунанда ва дар ҳолати зарурӣ, андешидани тадбирҳои иҷборӣ барои нигоҳ доштани якпорчагӣ ва кафолати таҳсилоти босифат мебошад.

284. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва идоракунии арзёбиҳои стандартӣ, ки натиҷаҳои таълимро дар сатҳҳои гуногун ба амал мебарорад, масъул аст. Тавассути санҷишҳои шаффоф ва воқеъбинона (объективӣ) Марказ маълумоти муҳимро дар бораи фаъолияти омӯзишии хонандагон ҷамъоварӣ намуда, барои қабули қарорҳои зарурӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

## БОБИ VI. ДУРНАМОИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШ – МАКТАБИ ОЯНДА

285. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи мусоидат дар рушди таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дошта, ислоҳоти раванди таҳсилотро дар партави дурнамои сохтмони мактаби оянда афзал ва зарур меҳисобад.

286. Мақсади ислоҳот дар доираи Чаҳорчӯбаи мазкур ба вуҷуд овардани муҳитҳои муттасилу самарабахши идоракунӣ, педагогӣ, физикӣ ва ҳамчунин, сохтан ва таҷдид намудани муассисаҳои таълимие ба шумор

меравад, ки манфиатҳои кӯдакон, таълимгирандагони имкониятҳояшон маҳдуд ва баробарии гендериро дар асоси ба роҳ мондани муҳити омӯзиши бехатар, фарогир, муассир ва дар маҷмуъ, ташкили низоми таҳсилоти босифат таъмин мекунад. Чаҳорчӯба рушд ва мутобиқсозии муассисаҳои таълимиро дар гирифта, барои омӯзгорон дар татбиқи ислоҳоти босифати зарурӣ, аз ҷумла навовариҳои соҳавӣ вобаста ба усулҳои муосири таълимӣ ва таъмин намудани шароит ба муҳити таълим ҳамчун муаллими сеюм имконият фароҳам меорад.

287. Мутобиқати таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва муҳитҳои марбут ба он, ташкил ва ба роҳ мондани мактаби оянда, бахусус ташкили муҳити физикии созгор ва иборат аз инфрасохтори физикии бехатар, солим, бароҳат, фарогир ва самаранок, мувофиқ ба принсипҳои устуворӣ, фарогирӣ, муҳити сабз, муҳити барои таълим ва омӯзиш мусоид, ки дар доираи чаҳорчӯбаи (RIGHT+) Бонки умумиҷаҳонӣ тарҳрезӣ гардидааст, дурнамои муҳити таълим ва омӯзиш – мактаби оянда ҳисобида мешавад.

288. Таҳия ва коркарди ҷузъиётҳои ба ҳам алоқаманди инфрасохтор, мувофиқати муҳити физикӣ ба педагогика (таълим) ва таъмини истифодаи пурсамари бинои муассисаи таълимӣ дар мактаби оянда, ки дар он хусусиятҳои бунёдии муҳити таълимӣ рушд меёбанд, хеле муҳим арзёбӣ карда мешаванд, аз қабили:

1) афзалиятҳо барои дастрасӣ ва ҳаҷму андоза ва тарроҳии мувофиқ дар мактаби оянда;

– интихоби макони мактаби оянда дар асоси хусусиятҳои демографӣ, шароитҳои минтақа, тақсимоти ҷуғрофӣ, дастрасӣ ба минтақаи ҳамвору бехатар аз офатҳои табиӣ интихоб мешавад, ки фарогири хонандагони ҳамон минтақа аст;

– интихоби қитъаи замини андозаи мувофиқ барои ҷойгир кардани биноҳои мактаб, майдони фароғатӣ ва иншооти варзишии берунӣ бо дарназардошти як басти фаъолият;

– банақшагирии теъдоди хонандагон: мактаби оянда ҳадди аксар 24 хонандаро дар як синфхона барои таъмини натиҷаҳои беҳтари омӯзишии хонандагон таъмин менамояд ва синфхонаи маъмулӣ бо 54 метри мураббаъ таҳия карда шавад;

– дастрасӣ дар мактаби оянда ба шабакаҳои барқ, об ва канализатсия бо рияи меъёрҳои ҳадди ақалли иншооти оббозӣ, баробарии гендерӣ ва талаботҳои поккорӣ;

– таъмини системаи гармидиҳӣ ва интертет дар мактаби оянда.

2) афзалиятҳо дар самти таъмини муҳити бехатар ва устувор дар мактаби оянда:

– мактаби оянда мувофиқи стандартҳои бехатарӣ аз заминҷунбӣ, протоколҳои хатарҳои табиӣ бо дарназардошти чораҳои ҳифзи муҳандисии релйефҳо, биноҳо, иншоот аз ҳодисаҳои хатарноки табиӣ ва гидрометеорологӣ (масалан, обхезии минтақаҳо, ярч, фурӯ рехтан, сел, тармафароӣ ва ғ.) тарҳрезӣ ва сохта шавад;

– мактаби оянда тибқи стандартҳои танзими бехатарӣ аз сӯхтор сохта мешавад, ки бино дорои насби сенсорҳои оташнишонӣ, детекторҳо ва тугмаи бонги хатар аст. Дар ҳар як мактаб нақшаи эвакуатсия, системаи огоҳкунанда ва аломатҳои махсус ҳангоми сӯхтор мавҷуд аст. Синфхонаҳо ва биноҳои алоҳида бо асбобҳои автоматии сӯхторхомушкунӣ таъмин карда шавад;

– мактаби оянда баробарии гендерӣ, чораҳои бехатари ҳаракат (гузаргоҳҳо, чароғакҳо, танзимгари ҳаракати роҳу равшанӣ дар он), некӯаҳволии эмотсионалии ҳамаи хонандагон вобаста ба пешгирӣ аз таъқиб ва таҳқир, утоқҳои бехатари либосивазкунӣ, миқдори кофии ҳоҷатхонаҳоро мувофиқи ҷинс таъмин менамояд;

– мактаби оянда муҳити амнро барои хонандагон ва омӯзгорон, ба мисли панҷара гирифтани гирду атрофи мактаб, якчанд даромадгоҳҳои асосӣ барои вориду хориҷ гаштан, муҳофиз ва ё навбатдор дар муассиса, насби камераҳои назоратӣ ва монанди инҳоро таъмин месозад. Мактаби оянда бо дарназардошти пешгирӣ аз хатарҳои сунъӣ, ба мисли пандемия, бунёд мегардад.

3) афзалиятҳои таъмин ва ташкили муҳити сабз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии оянда:

– мактаби оянда аз ҷиҳати экологӣ тоза ва энергия каммасраф тарҳрезӣ ва сохта мешавад, ки ҳадафи он коҳиши гази карбон ва партоби газҳои гармхонавӣ мебошад. Системаҳои каммасрафи энергия ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба кор андохта шуда, аз панелҳои офтобӣ, деворҳои гармимуҳофизишуда ва тирезаҳои дуқабатаи шишабандӣ барои гармидиҳӣ ва сарфаи энергия таъмин мешавад;

– мактаби оянда ба майдонҳои сабз дар ҳудуди муассиса дастрасӣ дошта, омӯзгорон ба хонандагон дар бораи усулҳои беҳтари истифодаи энергия (ба монанди истифодаи бамариду дурусти чароғҳо ва асбобҳои электрӣ), стратегияҳои коркарди такрорӣ ва кам кардани партовҳо, ҷамъоварии алоҳидаи партовҳо вобаста аз гуногуни навъашон ва монанди ин таълим медиҳанд.

4) афзалиятҳои таъмини муҳити фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии оянда:

– дар мактаби оянда ҳамаи хонандагон, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ё қобилияти омӯзишӣ, ба таҳсили босифат ҳуқуқ доранд ва барои ҳамаи кӯдакони дорои маълулият ва нуқсони ҷисмонӣ ва ё равонӣ дастрас буда, ба ҳама имкониятҳои баробар барои рушд тавассути таҳсил фароҳам оварда мешавад;

– дар бино(ҳо)-и мактаби оянда мавҷудияти пандусҳо ё лифтҳо, ҳоҷатхонаҳои мувофиқ ва аробаҳои маъюбон таъмин мешавад, фарогирӣ ва дастрасӣ барои ҳама кафолат дода, технологияи ёрирасон дар ҷойҳои омӯзишӣ ҷорӣ карда мешавад.

5) афзалиятҳои ташкил ва таъмини сифати муҳити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии оянда:

– мактаби оянда дорои низоми хуби ҳавосозӣ (вентилятсия) ва таҳвия буда, равшании мувофиқ, аз ҷумла равшании сунъиро таъмин мекунад, ки барои некӯаҳволии хонандагон ва омӯзгорон муфид аст;

– мактаби оянда ҳам дар фасли зимистон ва ҳам тобистон барои баланд бардоштани натиҷаҳои таълим бароҳатии гармӣ (ё сардӣ)-ро таъмин мекунад, ҳамчунин шароитро бо дарназардошти муҳити сабз ба вуҷуд меорад;

– мактаби оянда бо дарназардошти акустика, ки сифати муҳити дохили бино ва сатҳи таваҷҷуҳи хонандагонро беҳбуд мебахшад, бунёд мегардад.

6) афзалиятҳо дар таъмини мувофиқати муҳити физикӣ ба педагогика (таълим) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии оянда:

– тарҳи биноҳо ва синфхонаҳои мактаби оянда имкон медиҳад, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ, ба осонӣ ва зуд вобаста ба эҳтиёҷот ва вазифаҳои таълим мувофиқ ё танзим карда шаванд (масалан, фазои синфхона, мебел ва технологияҳо);

– мактаби оянда барои ҳама, аз ҷумла фаъолияти ҷомеа нигаронида шуда, ҷойҳои умумӣ (ҷамъиятӣ)-ро низ дар назар мегирад, аз қабили толори даромадгоҳ, толори конфронс, майдон(ҳо), китобхона, ошхона, инчунин майдончаҳои варзишии пӯшида бо утоқҳои либоспӯшӣ ва анбори таҷҳизот;

– дар бунёди мактаби оянда корбурди ҳунару мероси фарҳангӣ дар тарҳрезии бино, фазои тағйирпазири омӯзиш, деворҳои ҳаракаткунанда, таъмини маҷмуи расмҳои маъмулӣ ба назар гирифта мешавад;

– дар эъмори мактаби оянда тарҳи гуногуни синфхонаҳо ва дигар ҷойҳои омӯзиширо, ки барои истифодаи стратегияҳои гуногуни таълим муфид аст (ба мисли корҳои гурӯҳӣ, лабораторияҳои илмӣ, утоқҳои санъат, лабораторияҳои IT) ба назар гирифта мешавад;

– мактаби оянда муҳитҳои тағйирпазири омӯзиш, минтақаҳои бисёрвазифавии мақсаднок, толорҳои конфронс, китобхона, ошхона, майдончаҳои варзишӣ, утоқҳои либоспӯшӣ ва монанди инро дар бар мегирад, ки барои амалисозии муносибати босалоҳияти таълим шароит фароҳам меорад;

– мактаби оянда бо мебелҳои эргономикӣ муҷаҳҳаз ва ба синну соли хонандагон мутобиқ буда, ҳифзи саломатӣ ва таваҷҷуҳи хонандагонро дар дарс таъмин менамояд;

– мактаби оянда ба интернет, таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои таълими рақамӣ таъмин мегардад, то ки дар таъмини сифати дарсҳо ва расидан ба натиҷаи стандартҳои таълим замина гузорад.

7) афзалиятҳо дар таъмини истифодаи бинои муассисаи таҳсилоти умумии оянда:

– мактаби оянда ба беҳдошт (гигиена) ва покизагӣ аҳаммияти махсус дода, мунтазам тоза карда мешавад. Ба ҷамъоварии партовҳо ва безараргардонӣ ва коркарди такрории онҳо низ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад;

– мактаби оянда ба таъмири мунтазам барои таъмини муҳити бехатар ва солим ҳамеша диққат дода, нигоҳубини мунтазами бино, мебелу таҷҳизоти таълим ва дигар унсурҳои сохтории мактабро таъмин месозад;
– мактаби оянда низомеро, ки ба ивазшавии давраҳои ҳаётӣ нигаронида шудааст, ҷорӣ мекунад ва он метавонад арзёбӣ, ихтиёрдорӣ ва хариди мебел ва таҷҳизоти навро дар бар гирад;
– мактаби оянда хароҷоти пардохтҳои маишӣ (об, канализатсия, нирӯи барқ, тавозуни телефон ва интернет)-ро тавассути маблағгузории мустақим ё ғайримустақими хароҷот мепӯшонад ва дар буҷети солона барои нигоҳдории мунтазам ва хароҷоти ивазкунии давраи ҳаётии муассиса ҷудо кардани маблағҳоро пешбинӣ мекунад;
– барои мактабҳои оянда феҳрист/ё махзани маълумот дар шакли электронию онлайнӣ таъсис дода мешавад, ки барои ҷамъоварӣ, коркард ва банақшагирӣ истифода мегарданд, ки ба корҳои таъмир, сохтмони биноҳои нав, ивазшавии давраҳои ҳаётӣ ё хариди мебел ва таҷҳизот дахл доранд.

8) афзалиятҳо дар таъмини сифати идоракунии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ:

- мактаби оянда дар асоси арзёбии маҷмуии идоракунӣ, муҳити педагогӣ ва физикӣ мунтазам арзёбӣ мешавад, ки таъмини ҳам сифати инфрасохтор ва ҳам сифати муҳити таълиму омӯзишро мавриди ҳадаф қарор медиҳад;

- таҳким бахшидани роҳҳои татбиқи муносибати босалоҳият ва методҳои таълиму омӯзиш вобаста ба истифодаи муҳити нави таълиму омӯзиш;

- таҳияи чаҳорчӯбҳои нави миллӣ барои таълим ва омӯзиш, ки стандартҳои марбут ба мутобиқшавӣ ва коҳиш додани тағирёбии иқлим, омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва пандемия ва инфрасохтори рақамиро дар мактабҳо инъикос хоҳанд кард;

- таҳкими иқтидори кормандони муассисаҳои таълимӣ барои татбиқи чаҳорчӯбаи миллӣ, таваҷҷуҳ ба дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат ва такмили омӯзиши технологияҳо ва салоҳиятҳои рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- омӯхтан ва арзёбии тартибу қоидаҳо ва амалияҳои мавҷудаи танзимкунандаи муҳити таълиму омӯзиш, таҷҳизот ва иншооти муассисаи таълимӣ, инчунин методология ва воситаҳое, ки барои аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ ва мониторинги муассисаҳои таълимӣ истифода мешаванд;

- таҳияи меъёрҳои нави арзёбии самаранокии муҳити таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин муайян намудани сифат ва самаранокии кори он;

- баррасӣ ва такмили стандартҳои касбӣ (нақшаҳои таълим, барномаҳои такмили ихтисос) барои омӯзгорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кормандони шуъбаю раёсатҳои маорифи шаҳру ноҳияву вилоятҳо (мушовирон ва нозирон) дар доираи ислоҳоти амалии барномаҳои такмили ихтисос;

- ташкил ва баргузории курсҳои такмили ихтисос дар асоси стандартҳои такмилёфта (нақшаҳои таълим, барномаҳои такмили ихтисос) барои омӯзгорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кормандони шуъбаю раёсатҳои маорифи шаҳру ноҳияву вилоятҳо;

- гузаронидани мушоҳида ва ташхиси сифати таълим бо истифода аз обзорҳои TEACH (абзори таҳлили дарс, ки аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ таҳия карда шудааст) ва SUS (School User Survey – пурсишномаи истифодабарандагони муассисаи таълимӣ, ки ба волидайн, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаи таълимӣ нигаронида шудааст) ва мутобиқсозии он барои истифода дар соҳаи маориф;

- арзёбии лоиҳаи озмоишии «Е-Дониш»-и дар платформаи онлайнӣ бо замимаи мобилии мувофиқ, аз ҷумла модулҳои мониторинги пешрафт, давомоти хонандагон ва мубодилаи маводди таълимӣ;

- банақшагирии буҷет ва рушди мактаби оянда бояд дар асоси нақшаи мураттаби бар асоси таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати инфрасохтори муассисаи таълимӣ тартибдодашуда, ба роҳ монда шавад;

- дар рафти банақшагирӣ ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ истифодаи васеъи маълумоти оморӣ ва таҳлилии дар асоси низоми иттилоотии идоракунии соҳаи маориф ба роҳ монда мешавад;

- ҷиҳати ба роҳ мондани иштироки маъмурият ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ дар рафти банақшагирӣ ва идоракунии оперативии мактабҳо мавзуъҳо оид ба идоракунии инфрасохтор дар нақшаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ворид карда мешаванд.

## БОБИ VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

289. Чаҳорчӯбаи мазкур дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии кишвар аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва сохторҳои марбут татбиқу амалӣ карда мешавад.

290. Барои таъмини татбиқи амалии Чаҳорчӯба нақшаи амал ва молиявӣ таҳия ва аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм тасдиқ карда мешавад.Ҳамчун қадами аввал ду дастури муайянкунандаи самти рушди мактаб ва кафолати сифати таҳсилот ба дар сатҳи институтсионалӣ таҳия карда мешаванд, то татбиқи ҳуҷҷати мазкур дар тамоми мактабҳои типпи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шаванд.

291. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи меъморӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор дастури меъморӣ ва банақшагирии рушди мактабро таҳия мекунад, ки он принсипҳои тарроҳӣ ва банақшагирии мактабро муайян намуда, сарчашмаҳои зарурии иттилоотро бо дар назардошти тарҳрезии муҳити таълим ва таҷҳизоти он пешниҳод мегардонад ва намунаҳои амалии ҳалли меъмориро барои омӯзиш таъмин месозад.

292. Вазорати маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он барои татбиқи Чаҳорчӯба дастурҳои идоракунӣ ва арзёбии зинаи таҳсилоти миёнаи умумиро таҳия ва тавассути семинарҳои омӯзишӣ, курсҳои такмили ихтисос ва ғайраҳо бо мақсади шарҳи моҳияти татбиқи Чаҳорчӯбаи миллӣ барои истифодабарандагон ба таври равшан ва муфассал таъмин менамоянд.

293. Аз ҷониби Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази милии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон механизм ва воситаҳои ягонаи арзёбии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси талаботи Чаҳорчӯбаи мазкур таҳия, тасдиқ ва амалӣ карда мешавад.

294. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба Чаҳорчӯба тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Замимаи №1

Ҷадвали ишондиҳандаҳои таҳлилӣ барои арзёбии муҳити идоракунӣ, педагогӣ ва физикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

| № | Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ барои арзёбии муҳити физикӣ |
|---|---|
| 1. | Ҳиссаи хонандагоне, ки оид ба муҳити физикии муассиса боварии мусбат доранд, % |
| 2. | Ҳиссаи хонандагоне, ки дар ҳолати ба мушкилӣ дучор омадан аз кормандони муассиса ёрӣ мепурсанд, % |
| 3. | Ҳиссаи хонандагоне, ки аз рафтан ба мактаб ҳарос доранд, % |
| 4. | Ҳиссаи омӯзгороне, ки дар ҳолати ба мушкилӣ дучор омадан аз кормандони муассиса ёрӣ мепурсанд, % |
| 5. | Ҳиссаи хонандагоне, ки аз оби нӯшокӣ танқисӣ намекашанд, % |
| 6. | Ҳиссаи хонандагоне, ки аз таъмини ҳоҷатхонаҳо барои истифодаашон қаноатманд мебошанд, % |
| 7. | Ҳиссаи хонандагоне, ки мунтазам аз ошхонаи мактаб хӯрок мехӯранд, % |
| 8. | Тафовути саломатии хонандагон вобаста ба оғоз ва анҷоми таҳсил дар муассиса (аз рӯйи натиҷаҳои муоина ва ташхиси тиббӣ), % |
| 9. | Ҳиссаи хонандагоне, ки дар муассиса эҳсоси бехатарӣ мекунанд, % |
| 10. | Ҳиссаи омӯзгороне, ки дар муассиса эҳсоси бехатарӣ мекунанд, % |
| 11. | Ҳиссаи муассисаҳои таълимие, ки дар он меҳнати бачагон ба монанди кори кишоварзӣ, тоза кардани ҳудудҳои муассиса пас аз дарс ва ғайра истифода мешавад, % |
| 12. | Ҳиссаи хонанандагоне, ки мавҷудияти ҳамаи кабинетҳои фанниро тасдиқ мекунанд, % |
| 13. | Ҳиссаи хонандагоне, ки мавҷудияти технологияи иттилоотиро дар синфхонаҳояшон муҳим мешуморанд, % |
| 14. | Таносуби шумораи хонандагон ва компютерҳо дар муассисаи таълимӣ, % |
| 15. | Ҳиссаи хонандагоне, ки муассисаи таълимии худро қаламрави озод аз маводди мухаддир, қимор, машруботи алкоголӣ ва зӯроварӣ мешуморанд, % |
| 16. | Набудани маконҳои халалдоркунанда ва ташвишовар (ресторанҳо, бозорҳо ва ғайраҳо) дар масофаи 250 метр дуртар аз мактаб, % |
| 17. | Таносуби ҷои нишаст ва шумораи хонандагон дар муассисаи таълимӣ, % |
| 18. | Таносуби хонандагон ва иншоотҳои варзишии муассисаи таълимӣ, % |
| 19. | Таносуби шумораи хонандагон ва китобхонаи муассисаи таълимӣ |
| 20. | Таносуби хонандагон ва толори маҷлисгоҳи муассисаи таълимӣ, % |
| 21. | Таносуби хонандагон ва синфхонаи таълими меҳнат, % |
| **№** | **Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ барои арзёбии муҳити педагогӣ** |
| 1. | Таносуби хонандагон дар муҳити дӯстона якҷоя таҳсилкунанда бо кӯдакони дорои имкониятaшон маҳдуд, % |

| | |
|---|---|
| **2.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки фикр мекунанд, муттаҳидсозии кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд бо ҷомеаи мактаб имконпазир аст, % |
| **3.** | Таносуби хонандагоне, ки аксар вақт ҳамаи маводди таълимӣ барояшон фаҳмо аст,% |
| **4.** | Таносуби хонандагоне, ки дар клубҳо, сексияҳои варзишӣ, фаннӣ ва фанҳои интихобии муассиса иштирок мекунанд, % |
| **5.** | Таносуби хонандагоне, ки ба ташкилотҳои беруназсинфии маҷозӣ пайвастанд, % |
| **6.** | Татбиқи дониши мактабии хатмкунандагон вобаста ба натиҷаи озмунҳои фаннӣ ва роҳхат ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳои касбӣ, % |
| **7.** | Ҳиссаи волидоне, ки аз сифати таълими фарзандашон дар мактаб қаноатманданд, % |
| **8.** | Ҳиссаи омӯзгорони дорои дараҷаи тахассусии олӣ ва якум, % |
| **9.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки дар 5 соли охир як маротиба ё зиёда аз он аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд, % |
| **10.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки барои дигар омӯзгорон семинар ва курсҳо ташкил мекунанд ва онҳо ғолибони конкурсҳо, муаллифони нашрияҳо ё китобҳои дарсӣ/ таълимию методӣ ҳастанд, % |
| **11.** | Ҳиссаи волидоне, ки бовар доранд, тахассуси омӯзгорони ба кӯдаки онҳо таълимдиҳанда хуб аст, % |
| **12.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки ба баланд будани мақоми омӯзгор бовар доранд, % |
| **13.** | Дарсади таълимгирандагоне,ки бо омӯзгорон муносибати мусбат доранд, % |
| **14.** | Таносуби таълимгирандагоне, ки дар раванди машғулиятҳо ва иҷрои супоришҳо, ба монанди музокира, нақшофарӣ, бозиҳо, корҳои гурӯҳӣ ва ғайра фаъолона ширкат мекунанд, % |
| **15.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки аз усули интерактивии таълим истифода менамоянд, % |
| **16.** | Ҳиссаи вазифаи муассисаи таълимӣ дар ичрои корҳои тарбиявӣ, аз вазифаи умумии таҳсилот вобаста ба ҷавоби мусоҳибон (директорҳо, омӯзгорон, падару модарон), % |
| **17.** | Ҳиссаи таълимгирандагоне, ки ҳамаи маҷмуи китобҳои дарсиро доранд, % |
| **18.** | Ҳиссаи таълимгирандагоне, ки мазмуни матни китобҳои дарсиро мефаҳманд, % |
| **19.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки аз пойгоҳи таълимию методии муассиса комилан қаноатманд ҳастанд, % |
| **20.** | Ҳиссаи миёнаи дархости омӯзгорон пурра таъмин карда мешавад, % |
| **21.** | Ҳиссаи таълигирандагоне, ки бо муассисаи таълимӣ муносибати мусбат доранд, % |
| **№** | **Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ барои арзёбии идораи муассисаи таълимӣ** |
| **1.** | Коэффитсиенти фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ, % |
| **2.** | Меъёри фарогирии кӯдакони 5-6-сола ба таҳсилоти томактабӣ ва |

| | |
|---|---|
| | барномаи омодагӣ ба мактаб, % |
| **3.** | Ҳиссаи фарогии кӯдакони имкониятошон маҳдуд ба таҳсил, % |
| **4.** | Фарогирӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ, % |
| **5.** | Фарогирӣ ба таҳсилоти умумии асосӣ, % |
| **6.** | Фарогирӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ, % |
| **7.** | Таносуби хонандагони аксар вақт дар машғулиятҳо набуда, % |
| **8.** | Ҳиссаи вақти омӯзгорон, ки барои амалӣ гардондани корҳои аз фаъолияти вазифавиашон берун сарф карда мешавад, % |
| **9.** | Ҳиссаи вақти омӯзгорон, ки барои ба итмом расонидани корҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва гузоришҳо сарф карда мешавад, % |
| **10.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки мехоҳанд, ҷойи кориашонро иваз кунанд, % |
| **11.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки бештар аз нисфи ҷиҳатҳои гуногуни корашон комилан қаноатманд, % |
| **12.** | Таносуби омӯзгороне, ки вобаста ба кори омӯзгорӣ хароҷоти шахсӣ доранд, % |
| **13.** | Ҳиссаи хароҷоти шахсии омӯзгорон аз ҳисоби маош, ки барои иҷрои вазифаи касбии онҳо истифода карда мешавад, % |
| **14.** | Ҳиссаи дархости директорон барои эҳтиёҷоти мактаб, ки пурра таъмин карда мешавад % |
| **15.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки барои кор ба компютер дар муассиса дастрасӣ доранд, % |
| **16.** | Миқдори миёнаи соати истифодаи компютерҳо барои кор дар як ҳафта дар муассиса аз ҷониби омӯзгорон, соат |
| **17.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки дар муассиса барои кор бо Интернет дастрасӣ доранд, % |
| **18.** | Миқдори миёна, дақиқаи истифодаи компютерҳо дар як ҳафта дар муассиса аз ҷониби хонандагон, дақиқа |
| **19.** | Ҳиссаи мактабҳое, ки бо роҳбарони сатҳи болоии соҳаи маориф барои интиқоли маълумот ва гузоришҳои гуногун мукотиботи электронӣ доранд, % |
| **20.** | Ҳиссаи хонандагоне, ки бовар доранд, дар муассиса тамоми ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя ва риоя карда мешавад, % |
| **21.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки бовар доранд, дар муассиса тамоми ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя ва риоя карда мешавад, % |
| **22.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки андеша доранд, ҳамаи онҳо дар мавқеи якхела қарор доранд, % |
| **23.** | Ҳиссаи хонандагоне, ки андеша доранд, ҳамаи онҳо дар мавқеи якхела қарор доранд, % |
| **24.** | Ҳиссаи таълимгирандагоне, ки бовар доранд, омӯзгорони онҳо дар муваффақияти писарону духтарон баробар манфиатдоранд, % |
| **25.** | Таносуби теъдоди омӯзгорони мард ва зан дар мактаб, % |
| **26.** | Ҳиссаи хонандагоне, ки бовар доранд, онҳо дар ҳаёти муассиса фаъолона иштирок менамоянд, % |
| **27.** | Ҳиссаи хонандагоне, ки андеша доранд, муассисаи онҳо бо ёрии кори шуроҳо идора карда мешавад, % |

| | |
|---|---|
| **28.** | Ҳиссаи муассисаҳои таълимие, ки онҳо бо ёрии шуроҳои муассиса идора карда мешаванд (андешаи директорон), % |
| **29.** | Мавҷудияти механизмҳое, ки таълимгирандагон фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд, ба монанди пурсиши хонандагон, қуттии фикру андешаҳо, газетаи деворӣ ва ғайраҳо. |
| **30.** | Ҳиссаи волидоне, ки мувофиқи барномаи таълимӣ ва нақшаи рушди муассиса тавсияҳои худро пешниҳод мекунанд, % |
| **31.** | Ҳиссаи волидоне, ки муваффақиятҳои кӯдакони худро бо омӯзгорон ҳадди ақал 3 маротиба дар як сол баррасӣ мекунанд, % |
| **32.** | Ҳиссаи директороне, ки сатҳи баланди иштироки аҳолиии маҳалро дар ҳаёти иҷтимоии муассиса ба роҳ мемонанд, % |
| **33.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки низоми ҳавасмандгардонии омӯзгорон дар муассисаи таълимиашон ба натиҷаи таҳсили таълимгирандагони он алоқаманд аст, % |
| **34.** | Ҳиссаи волидоне, ки бовар доранд, таҳсили фарзандонашон сармоягузории хуб аст, % |
| **35.** | Ҳиссаи омӯзгорон (падару модарон), ки шогирдонашон натиҷаҳои хуби дастовардҳои таълимии вобаста ба барномаи таълим мувофиқро нишон доданд, % |
| **36.** | Ҳиссаи муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таълимие, ки фикр мекунанд, барномаи таълимӣ сарбории ниҳоят зиёдро дар бар мегирад, % |
| **37.** | Ҳиссаи омӯзгороне, ки бовар доранд, маводди ҳамаи китобҳои дарсӣ ба талаботи замони муосир мувофиқ аст, % |

# ҚАРОРИ
# ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» 01 соли 2025 № 2/3 ш. Душанбе

Дар бораи ҳуҷҷати роҳнамо бо унвони «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди муовини вазири маориф ва илм – сарпарасти соҳа «Дар бораи ҳуҷҷати роҳнамо бо унвони Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»–ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҳамоҳангсози лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» вазифадор карда шавад, ки пас аз тасдиқи ҳуҷҷати болозикр тибқи тартиби муқарраргардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол намояд.

3. Ҳамоҳангсоз ва кормандони масъули лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» муваззаф гардонида шаванд, ки ҷиҳати фаҳмонидани мазмуну муҳтавои чаҳорчӯба ба роҳбарони муассисаҳои зертобеи вазорат, сардорони раёсатҳои маорифи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чораҳои амалӣ андешанд.

4. Муовини вазири маориф ва илм – сарпарасти соҳа вазифадор карда шавад, ки дар ҳамкорӣ бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ кардани ҳуҷҷати мазкур тибқи тартиби муқарраргардида чораандешӣ намоянд.

5. Муассисаҳои зертобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои маорифи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру

ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадор карда шаванд, ки тибқи «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ба роҳ мондани таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти умумӣ чораҳои амалӣ андешанд.

6. Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, шарикони рушд, ташкилоту фондҳои ҷамъиятӣ ва дигар шахсон уҳдадор карда шаванд, ки ҳангоми сохтмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаботи чаҳорчӯбаи мазкурро риоя намоянд.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара,
вазир

ДУРУСТ

Раҳим Саидзода

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «05» 02 соли 2025 № 133 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушоварai
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2025, № 2/3

Мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушоварai Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, № 2/3 «Дар бораи ҳуҷҷати роҳнамо бо унвони «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ уҳдадор карда шаванд, ки иҷрои талаботи ҳуҷҷати мазкурро таъмин намоянд.
3. Ҳамоҳангсози лоиҳаи «Муҳити таълим-асоси таҳсилоти босифат» (Б. Музафарзода) уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ намуда, рафти иҷрои онро назорат намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушоварai Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, № 2/3.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
Ҳамоҳангсози лоиҳа